201__
A
nomidagi
O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

1 апрели соли 2020. Чоршанбе
№ 27 (14626)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ИШТИРОКДОРОНИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН

Ба муносибати дар мамлакат баргузор намудани ҷашни умумихалқии 9 май – Рўзи Хотира ва Қадр, абадӣ гардондани хотираи онҳое, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ халок шудаанд, ба собиқадорон эҳтиром гузоштан, ки онҳо ҳатто имрўз дар сафи мо ҳастанд, дар баланд бардоштани нуфузи Ватан, тарбияи маънавӣ ва ахлоқии ҷавонон саҳм мегузоранд, инчунин бо мақсади ҳавасмандгардонии моддии иштирокдорон ва маъюбони ҷанг ба муносибати ҷашни 75-солагии Ғалаба бар фашизм:

1. **Ба иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги дуюми ҷаҳон мукофоти якдафъаинаи пулӣ дар ҳаҷми 10 000 000 (даҳ миллион)** сўм муқаррар карда шавад.

2. Хароҷоти вобаста ба иҷрои ин Фармон аз ҳисоби маблағи Буҷети ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ўзбекистон амалӣ гардонда шавад.

3. Вазорати мудофиа, Вазорати дастгирии маҳалла ва оила, Вазорати корҳои дохилӣ, Хидмати амнияти давлатӣ якҷоя бо Вазорати молия, Бонки марказии Ҷумҳурии Ўзбекистон, Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд **супурдани ин мукофоти пулиро ба иштирокдорон ва маъюбони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар фазои идона** таъмин намоянд.

4. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва Котиби Шўрои амнияти назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон В.В. Махмудов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Ш. ТОШКАНД,*
*30 марти соли 2020.*



*Дар корхонаи «Great Kokand», ки соли гузашта дар минтақаи озоди иқтисодии Қўқанд ба кор сар кард, 50 ҷойи кор ташкил гардид. Корхона соли гузашта ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 796 ҳазор доллари ИМА борхалтаҳои полипропилен ва маҳсулоти қадоқкуниро содир намуд. Вай ҳамчунин бозори дохилиро бо маҳсулоти қадоқкунӣ таъмин кард. Агар ҷамоаи он соли 2019 дар ҳаҷми 25 миллиард сўмина маҳсулоти қадоқкунӣ истеҳсол карда бошад, имсол ният дорад, ки ин нишондиҳандаро аз 30 миллиард сўм зиёд кунад. Тавре ки роҳбари корхона Шавкат Ҳамзаев мегўяд, соли равон бинобар лоиҳаи истеҳсоли дастпоккунакҳои нарм кор бурда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки боз 50 ҷойи нави корӣ фароҳам ояд.*

***Дар сурат:*** *дар корхонаи «Great Kokand»-и минтақаи озоди иқтисодии Қўқанд.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСҲОИ ҶИНОӢ, ҶИНОИВУ МУРОФИАВИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА КОДЕКСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР БОРАИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ

*Аз ҷониби Палатаи қонунгузорӣ 23 марти соли 2020 қабул шудааст*
*Аз ҷониби Сенат 24 марти соли 2020 тасдиқ шудааст*

**Моддаи 1. Ба Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ўзбекистон,** ки бо Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 22 сентябри соли 1994 № 2012 – XII тасдиқ шудааст, (Ахборотномаи Шўрои Олии Ҷумҳурии Ўзбекистон соли 1995, № 1, моддаи 3; Ахборотномаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соли 1996, № 9, моддаи 144; соли 1997, № 2, моддаи 56, № 9, моддаи 241; соли 1998, № 5-6, моддаи 102, № 9, моддаи 181; соли 1999, № 1, моддаи 20, № 5, моддаи 124, № 9, моддаи 229; соли 2000, № 5-6, моддаи 153; соли 2001, № 1-2, моддаи 23, № 9-10, моддаи 165; соли 2002, № 9, моддаи 165; соли 2003, № 1, моддаи 8, № 9-10, моддаи 149; соли 2004, № 1-2, моддаи 18, № 9, моддаи 171; Ахборотномаи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, соли 2005, № 9, моддаи 314, № 12, моддаҳои 417, 418; соли 2006, № 6, моддаи 261, № 12, моддаи 656; соли 2007, № 4, моддаҳои 158, 166, № 6, моддаи 248, № 9, моддаҳои 416, 422, № 12, моддаи 607; соли 2008, № 4, моддаҳои 187, 188, 189, № 7, моддаи 352, № 9, моддаҳои 485, 487, 488, № 12, моддаҳои 640, 641; соли 2009, № 1, моддаи 1, № 4, моддаи 128, № 9, моддаҳои 329, 334, 335, 337, № 12, моддаи 470; соли 2010, № 5, моддаҳои 176, 179, № 9, моддаи 341, № 12, моддаҳои 471, 477; соли 2011, № 1, моддаи 1; соли 2012, № 4, моддаи 108, № 9/1, моддаи 242, № 12, моддаи 336; соли 2013, № 4, моддаи 98, № 10, моддаи 263; соли 2014, № 1, моддаи 2, № 5, моддаи 130, № 9, моддаи 244, № 12, моддаи 343; соли 2015, № 6, моддаи 228, № 8, моддаҳои 310, 312, № 12, моддаи 452; соли 2016, № 4, моддаи 125, № 9, моддаи 276, № 12, моддаҳои 383, 385; соли 2017, № 3, моддаи 47, № 6, моддаи 300, № 9, моддаҳои 506, 510; соли 2018, №1, моддаи 4, № 4, моддаҳои 218, 224, № 7, моддаи 430, № 10, моддаи 679; соли 2019, № 1, моддаҳои 3, 5, № 3, моддаи 161, № 5, моддаҳои 259, 267, 268, № 7, моддаи 386, № 8, моддаи 471, № 9, моддаи 592, № 11, моддаи 787, № 12, моддаи 880) илова ва тағйироти зерин ворид карда шаванд:

бо **моддаи $244^5$** мазмуни зайл илова карда шавад:

1) **«Моддаи $244^5$. Паҳн кардани маълумоти ба воқеият номувофиқ оид ба паҳн шудани инфексияҳои карантин ва дигаре, ки ба одамон хавфноканд»**

Паҳн кардани маълумоти ба воқеият номувофиқ дар бораи паҳн шудани инфексияи карантин ва дигаре, ки ба одамон хавфноканд, ҳангоми пайдоиш ва паҳншавии карантин ва дигар сироятҳое, ки барои одамон хатарнок мебошанд, -

бо ҷарима ба андозаи то дусад воҳиди пойгоҳии ҳисобӣ ё ки корҳои ҳатмии ҷамоатӣ то сесад соат ё ки бо корҳои ислоҳӣ ба мўҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Паҳн кардани маълумоте, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудааст, бо усули чопӣ ё ки дигари матни зиёдгардондашуда ё дар ВАО, инчунин шабакаи умумиҷаҳонии Интернет –

бо ҷарима аз дусад то чорсад воҳиди пойгоҳии ҳисобӣ ё ки корҳои ҳатмии ҷамоатӣ аз сесад то сесаду шаст соат, ё бо корҳои ислоҳӣ аз ду то се сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба мўҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мўҳлати то се сол ҷазо дода мешавад»;

2) **матни моддаи $257^1$** дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

"Вайрон кардани қонунгузориҳои санитарӣ ё қоидаҳои мубориза бо эпидемия, аз ҷумла бесабаб дар шароити пайдоиш ва паҳншавии инфексияи карантин ва дигар сироятҳое, ки ба одамон хавфноканд, иҷро накардани талабот оид ба гузаштан аз муоинаи тиббӣ, табобат ва омадан ба ҷойҳое, ки барои карантин муайян шудаанд ва дар муддати муайян тарк накардани ин ҷойҳо, ошкор кардани маълумот дар бораи шахсоне, ки дар тамос буданд ва ҷойҳои ташрифи онҳо дар давраи хавфи мубтало шудан ба беморӣ, инчунин дигар талаботи қонунии мақомоти назорати давлатии санитарӣ, ки хатари воқеии бемории оммавӣ ё заҳролудшавии одамонро ба вуҷуд овардаанд ё ки боиси бемории омма ки заҳролудшавии одамон шудаанд –

бо ҷарима аз панҷоҳ то сад воҳиди пойгоҳии ҳисобӣ ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи муайян то панҷ сол ё корҳои ислоҳӣ ба мўҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ аз як сол то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мўҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Ҳамин кирдор, ки боиси марги инсон шудааст, –

бо корҳои ислоҳи аз ду то се сол ё маҳдуд кардани озодӣ аз се то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз панҷ то ҳафт сол ҷазо дода мешавад.

Ҳамин кирдоре, ки боиси қурбонии одамон гардад, –

маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҳафт то даҳ сол ҷазо дода мешавад».

**Моддаи 2. Банди 1 қисми якуми моддаи $381^2$ Кодекси ҷиноятию мурофиавии Ҷумҳурии Ўзбекистон**, ки Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 22 сентябри соли 1994 № 2013 - XII тасдиқ кардааст, (Ахборотномаи Шўрои Олии Ҷумҳурии Ўзбекистон, соли 1995, № 2, моддаи 5; Ахборотномаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, соли 1995, № 12, моддаи 269; соли 1997, № 2, моддаи 56, № 9, моддаи 241; соли 1998, № 5-6, моддаи 102, № 9, моддаи 181; соли 1999, № 1, моддаи 20, № 5, моддаи 124, № 9, моддаи 229; соли 2000, № 5-6, моддаи 153, № 7–8, моддаи 217; соли 2001, №1-2, моддаҳои 11, 23, № 9-10, моддаҳои 165, 182; соли 2002, № 9, моддаи 165; соли 2003, № 5, моддаи 67; соли 2004, № 1–2, моддаи 18, № 9, моддаи 171; Ахборотномаи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, соли 2005, № 12, моддаи 418; соли 2006, № 6, моддаи 261; соли 2007, № 4, моддаи 166, № 6, моддаҳои 248, 249, № 9, моддаи 422, № 12, моддаҳои 594, 595, 607; соли 2008, № 4, моддаҳои 177, 187, № 9, моддаҳои 482, 484, 487, № 12, моддаҳои 636, 641; соли 2009, № 1, моддаи 1, № 4, моддаи 136, № 9, моддаи 335, № 12, моддаҳои 469, 470; соли 2010, № 6, моддаи 231, № 9, моддаҳои 334, 336, 337, 342, № 12, моддаи 477; соли 2011, № 4, моддаҳои 103, 104, № 9, моддаи 252, № 12/2, моддаи 363; соли 2012, № 1, моддаи 3, № 9/2, моддаи 244, № 12, моддаи 336; соли 2014, № 9, моддаи 244; соли 2015, № 8, моддаҳои 310, 312, № 12, моддаи 452; соли 2016, № 4, моддаи 125, № 9, моддаи 276, № 12, моддаи 385; соли 2017, № 3, моддаи 47, № 6, моддаи 300, № 9, моддаҳои 506, 510, № 10, моддаи 605; соли 2018, №1, моддаҳои 1, 5, № 4, моддаҳои 218, 224, № 7, моддаҳои 430, 431, № 10, моддаи 679; соли 2019, № 1, моддаҳои 3, 5, № 2, моддаи 47, № 3, моддаи 161, № 5, моддаҳои 259, 267, № 7, моддаи 386, № 8, моддаи 469, № 9, моддаҳои 589, 592, № 10, моддаи 671, № 11, моддаҳои 787, 791, № 12, моддаҳои 880, 881, 891) пас аз калимаҳои «моддаҳои $244^4$ (ба истиснои ҷиноятҳои марбут ба вайронкунии қонунгузории гумрукӣ)» калимаҳои «моддаҳои $244^5$» илова карда шаванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Муносибат

## МУНОСИБАТИ ЗАМОНАВӢ ДАР ПАХТАКОРӢ ДАРОМАДИ ФЕРМЕРОН ВА КЛАСТЕРҲОРО ЗИЁД МЕГАРДОНАД

***Ўзбекистон оид ба рўёндани пахта таҷрибаи ғанӣ дорад, ки ба туфайли он, имрўз ҷумҳурии мо аз рўйи бисёр нишондиҳандаҳо (аз ҷиҳати майдонҳои пахта, ҳаҷми истеҳсолот, ҳосилнокӣ) дар даҳгонаи кишварҳои пешрафта мавқеи пешбарро ишғол мекунад.***

Аз ҷиҳати потенсиали зеҳнии ташаккулёфта (навъҳои серҳосили пахта, технологияҳои кишоварзии созмон додашуда ва татбиқгардида, истеҳсоли захираҳо барои саноати пахта) ва сифати нах дар байни панҷ давлати пешрафта қарор дорад.

Дар биржаи байналмилалии пахтаи Ливерпул ҳамчун эталон эътироф гардидани навъи пахтаи «Бухоро-6», ки олимони Ўзбекистон офаридаанд, баҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба дастовардҳои мо дар соҳаи пахтакорӣ мебошад. Айни замон, чунин натиҷаҳои мусбат ба туфайли кори олимони ватанӣ дар парвариши навъҳои пахта, тухмипарварӣ ва ташкили технологияҳои кишоварзӣ ба даст оварда мешаванд. Аз ҷумла, имрўз ҷомеаи ҷаҳонӣ усули биологии ҳимояи пахтаро, ки олимони ўзбек таҳия кардаанд, эътироф кардааст ва мо дар ин бобат пешвоёни ҷаҳонӣ ҳастем.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи байналмилалии машваратии пахта (ICAC), дар тўли солҳои охир дар ҷаҳон дар 33-35 миллион гектар пахта рўёнда мешавад. Агар 20 сол пеш дар ҷаҳон 17 миллион тонна нахи пахта ҳосил шуда бошад, ҳоло ин рақам ба ҳисоби миёна 25 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Имрўзҳо дар Ўзбекистон ба ҳисоби миёна тахминан 1 миллион тонна нахи пахта ба даст оварда мешавад.

Ислоҳоти солҳои охири соҳаи пахтакории ватанӣ оид ба ҷорӣ намудани механизмҳои бозорӣ, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои фермерон оиди фаъолияти соҳибкории аз ҷиҳати иқтисодӣ озод ва мустақилона истифода бурдан аз натиҷаҳои меҳнат имкониятҳоро барои коҳиш додани ҳиссаи фурўши ашёи хом ва ба вуҷуд овардани арзиши иловагӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳиссаи коркарди он фароҳам меорад.

Аз ҳосили имсола сар карда сармояи саноатӣ дар рушди кластерҳои пахта ва нассоҷии кишт, коркарди пахта ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри дар ҷумҳурӣ бо иштироки сармоягузорони хусусӣ фаъолиятдошта нақши калидӣ хоҳад дошт.

Мувофиқи маълумоти Вазорати кишоварзӣ дар соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ дар 921,2 гектари 1033,6 гектар майдон ё ки дар 89,1 фоиз замине, ки барои кишти пахта пешбинӣ шудааст, корҳо дар асоси шартномаҳои мутақобилан судманд бо кластерҳои пахтаву нассоҷӣ, хоҷагиҳои фермерии ба пахтакорӣ тахассус дошта иҷро карда мешаванд.

Ашёи хоми пахтаи дар майдонҳои боқимонда киштшуда (112,5 ҳазор га ё ки 10,9 фоизи масоҳати умумӣ) дар асоси шартномаҳо бо корхонаҳои азнавкоркарди хоҷагиҳои фермерии пахтакорӣ фурўхта мешаванд. Мувофиқи қарори Президенти мамлакат аз 6 марти соли 2020 «Дар бораи чораҳои татбиқи васеи принсипҳои бозорӣ ба соҳаи пахтакорӣ» аз давраи ҳосили соли 2020 сар карда таҷрибаи аз ҷониби давлат муайян кардани нархи хариди нахи пахта бекор карда мешавад.

Аз ҳисоби таъмини иҷрои ҳуҷҷати мазкур дар пахтакорӣ механизми иқтисодӣ ҷорӣ карда хоҳад шуд, ки дар Ўзбекистон ҳеҷ гоҳ истифода нашудааст. Акнун деҳқонон аз тариқи истеҳсолоти озод ва интихоби озоди харидор метавонанд маҳсулоти худро мутобиқи талаботи бозор фурўшанд.

Ҳамзамон, хоҷагиҳои фермерие, ки пахта мерўёнанд, ба сифати кластерҳои пахтаву нассоҷӣ ва аъзои кооперативҳои махсуси пахтакорӣ метавонанд маҳсулоти худро (нахи пахта ва маҳсулоти дуюмдараҷа) тавассути кластерҳо ва кооперативҳо бо нархи дар биржаҳо дар асоси шартномаҳои мустақим ташаккулёфта фурўшанд.

Аммо, агар мо ба ин масъала аз нуқтаи назари фермер – истеҳсолгари пахта муроҷиат намоем, пас ашёи хоми пахта дар муқоиса бо дигар маҳсулоти кишоварзӣ истеъмолкунандагони зиёд надорад. Истифодабарандагони пахтаи хом метавонанд корхонаҳои пахтатозакунӣ ё ки корхонаҳои азнавкоркарди амиқи пахта – истеҳсолкунандагони маҳсулоти бофандагӣ бошанд. Аз ин рў, барои фермер ҳангоми фурўши маҳсулот системаи савдои муташаккил нақши муҳим дорад.

Боз як хусусияти муҳими тадбирҳои ба амал татбиқшаванда дар он аст, ки ҳоло хоҷагиҳои фермерии пахтакор аз ўҳдадории иҷрои дастурҳои мақомоти гуногуни давлатӣ ва мақомоти назоратӣ дар мавсими нашъунамо оид ба иҷрои нақшаҳо бо ҳар роҳ озод карда шудаанд, ба туфайли он онҳо имкони ҳамчун соҳибкоре, ки фоидаи ҳадди аксарро мақсад кардааст, кор карданро доранд.

Дар чунин шароит ба фермерон дигар лозим намеояд, ки истифодаи сарфакоронаи нуриҳои минералӣ, қарз, маҳсулоти нафтӣ ва дигар захираҳоро назорат кунад. Чунки ҳамаи инҳо дар ҳадафи тиҷоратии фермере, ки пахта мерўёнад, мебошад.

Ин чунин маъно дорад, ки акнун хоҷагиҳои фермерии пахтакорӣ дар доираи кластерҳои нассоҷӣ ё кооперативҳои аз ҷониби худи фермерон таъсисёфта кор хоҳанд кард.

Табиист, ки саволе ба миён меояд: оё кластерҳо ва кооперативҳо ба фермерон озодии иқтисодиро медиҳанд?

(Давомаш дар саҳ.2).

Дар мавзўи муҳими рўз

## БОЯД БА ТАРТИБОТИ МУҚАРРАРГАРДИДА ҚАТЪӢ РИОЯ НАМОЕМ

Пандемияи короновирус, ки дар беш аз 200 мамлакати дунё интишор ёфтааст, чандест, ки аҳли оламро ба ташвиш андохтааст. Аз ҷумла, то имрўз ин инфексияи хавфнок қариб ба 167 нафар ҳамватанони мо сироят кардааст. Нафарони зиёде дар ҳолати карантин қарор доранд.

Ҳоло тамоми саъю кўшишҳои сарвари мамлакат, ҳукумат ва аҳли ҷомеаи васеъ ба пешгирии паҳншавии ин инфексия ва муолиҷаи гирифторшудагон равона карда шудааст. Ба карантин гирифтани мавзеъҳо, ба ин беморӣ ихтисосонида шудани беморхонаю санаторияҳои мавҷуда, бунёди беморхонаҳои нави инфексионӣ, огоҳсозии муттасили мардум ва маслиҳати мутахассисони соҳа тавассути расонаҳои ахбори оммавӣ далели ин гуфта аст.

Тавре ки сарвари давлатамон дар муроҷиати худ ба халқ таъкид намуд, бояд дар мубориза алайҳи ин бало ҳеҷ кас дар канор намонад, оне, ки ба ин беморӣ гирифтор шудаасту онро пинҳон медорад, хайрхоҳи халқу Ватан нест. Зеро оне, ки ин бемории зудсирояткунандаро пинҳон доштааст, паҳнкунандаи ин беморӣ маҳсуб меёбад. Шояд онро ба хоҳару бародар, падару модар ва хешовандони худ гузаронад. Дар ин рўзҳо бояд фосилаи мулоқоти байни онҳое, ки ниқоб доранд, 1,5 метрро ташкил диҳад. Дастҳоро зудзуд бо собун ва дигар воситаҳои тавсияшуда шустан, ҳавои хонаро тоза карда истодан, бо дигарон дар мулоқот набудан, ҳазориспанд дуд карда истодан... ба доман паҳн накардани инфексия мусоидат менамоянд.

Дар Хитой, ки сарманшаи ин беморист, ба туфайли ба тартиботи қатъӣ риоя кардан пеши паҳн шудани онро гирифтаанд. Лозим меояд, ки мо ҳам ба тартибот ва қоидаҳои гигиенӣ қатъиян риоя намоем, танҳо дар мавриди зарурат, масалан, хариди хўрок ва доруворӣ, бо назардошти чораҳои эҳтиётӣ, аз хона берун бароем.

Таассуф, ки дар деҳот ба қоидаҳои гигиена на ҳама риоя мекунанд, дар кўчаву бозор бе ниқоб мегарданд, бо якдигар оғўш кушода вохўрӣ мекунанд, аз як зарф хўрок мехўранд... Нафароне ёфт мешаванд, ки ҳавобаландона мегўянд: «Агар чил сол муромурӣ шавад, аҷалаш расидагӣ мемурад». Занон дар тўю гирдиҳамоиҳои хурду калон бўсобўсӣ карда вомехўранд, ки ин ҳам сабаби доман паҳн кардани беморӣ мегардад.

Тавассути расонаҳои ахбори оммавӣ мешунавем, ки баъзе ноҳияю вилоятҳо дар ҳолати карантин қарор доранд, аз вилоятҳо воридшавӣ ба пойтахт манъ аст. Бисёр корхона ва муассисаҳои таълимӣ пўшида шуданд, метро ва нақлиёти ҷамъиятӣ муваққатан аз ҳаракат бозмонданд, тўю худоиҳо манъ карда шудаанд. Бояд мардум фаҳмад, ки ин ҳама ба хотири пешгирии паҳншавии ин инфексияи зудсирояткунанда мебошад.

Халқи бурдбори мо дар тўли умр имтиҳонҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст. Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонро як ба ёд оред. Дар он солҳо ба сари бобоёну момоёни мо мушкилиҳои зиёде омада буд. Онҳо ҳамаашро мардонавор паси сар намудаанд.

Фикр мекунам, ки агар мо аз як гиребон сар бароварда, ба тартиботи муқарраргардида ва қоидаҳои гигиена қатъӣ риоя намоем, вазъиятро дуруст фаҳмем ва ба дигарон дуруст фаҳмонем, пеши доман паҳн кардани ин иллатро гирифта метавонем, алалоқибат, ба ин бало пирўз хоҳем шуд.

**Нигора ПИРМАТОВА,**
**номзади илмҳои тиб.**

## ПОКӢ ДАРАҶАИ ИБОДАТ АСТ

Имрўзҳо дар тавсияи мутахассисон барои пешгирии коронавирусе, ки торафт дар дунё доман паҳн мекунад, озодагии шахсӣ, аз ҷумла, хуб шустани дасту ангуштон, тоза нигоҳ доштани зери нохун рўйи эътибор гардонда шудааст. Зеро даст омили асосии паҳнкунандаи ин беморӣ маҳсуб меёбад.

Рўзгори инсон бе иштироки даст тасаввурнопазир аст. Узви кори асосиро анҷом медиҳанда ва ба покшавӣ ниёздошта низ даст мебошад.

Дар ҳадиси шарифе, ки аз Абўҳурайра (р.а.) ривоят кардаанд, омадааст: «Пайғомбар (а.) гуфтанд: «Ҳар кас, ки аз хоб бедор шавад, бе се бор шустани дасти худ, ба зарфе даст назанад. Зеро ҳеҷ кадоме намедонед, ки ин вақт дастатон дар куҷо буд ё дар куҷо ҳаракат дошт». (Ривояти Имом Муслим).

Нохуни дасту поро гирифтан низ суннат аст. Расулуллоҳ (с.а.в.) гуфтаанд: «Панҷ чиз аз фитрат аст: хатна кардан, мўйи баданро тоза кардан, нохунҳоро гирифтан ва кўтоҳ кардани мўйлаб».(Ривояти Имом Муслим).

Касе, ки таҳорат мекунад, албатта, даҳону биниашро мешўяд. Ин амал аз микроб ва бўйи баде, ки тавассути даҳону бинӣ ворид мешавад, ҳимоя мекунад. Воқеан, ислом дини покист. Дар Қуръони карим омадааст: «Нафароне ҳастанд, ки поккориро дўст медоранд. Аллоҳ поккоронро дўст дорад». (Сураи тавба, ояти 108-ум).

Дар ин оят ба покӣ ва поккорон эҳтиром гузошта шудааст. Пас, мусалмон бояд ба покӣ ва поккорӣ рўйи эътибор гардонад. Ин тоифа ба меҳру муҳаббати Аллоҳ сазовор гарданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Мавзӯи муҳим

# ТАШАББУСИ НЕК ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КАМБИЗОАТӢ

***Дар ноҳияи Бағдоди вилояти Фарғона барои муайян кардани тоифаи оилаву шаҳрвандони камбизоат ва кӯмак расондан бобати аз дараҷаи камбизоатӣ баровардани онҳо фаъолияти кооперативҳо ба роҳ монда шуданд.***
***Ҳоло оилаҳои камдаромад, серфарзанд, ҷавонон ҳамчун аъзои ин кооператив фаъолият нишон медиҳанд. Онҳо соҳиби собиқаи корӣ ва тамоми имтиёзҳои бо қонун муқарраршуда мегарданд. Инчунин, аз тухмӣ, ниҳолҳо, нуриҳои минералӣ ва хидматрасонии техникӣ ройгон истифода бурда маҳсулот мерӯёнанд.***



## ШАБАКАИ НАВ – ИМКОНИЯТҲОИ НАВ

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Мирзаобод»-и ноҳия кооперативи «Karayan Bagdod» таъсис дода шуд. Дар ин ҷо ба ҳар кадом 80 нафар оилаи камтаъмин, серфарзанд, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ночор, ки дар шафати ҳудуди ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои «Мирзаобод», «Самарқанд», «Конизар», «Саидобод», «Юқори Мирзаобод» зиндагӣ мекунанд, 20 сотихӣ майдони кишт ҷудо карда шуд. Ҳоло ин оилаҳо дар заминҳои барояшон ҷудошуда қаланфури булғорӣ парвариш намуда, маҳсулоти аз эҳтиёҷот зиёдатиро фурӯхта фоида ба даст меоранд.

— Дар як ҳавлӣ бо ду фарзандам — се оила зиндагӣ мекунем, — мегӯяд Элмурод Ҳакимов. — Аз ин рӯ, ман ба Русия барои кор мерафтам. Аъзои гурӯҳи корӣ ба хонаи мо ташриф оварда, шароити оилавии моро омӯхта, пешниҳод карданд, ки ба кооператив аъзо шавем ва 20 сотих замини корамро ҷудо мекунанд. Ман розӣ шудам. Чунки, имкони аз тарбияи фарзанд, ташвишҳои зиндагӣ ҷудо нашуда, меҳнат карда, даромад ба даст овардан фароҳам оварда шуд. Акнун барои ҷустуҷӯйи кор ба кишварҳои дур рафтан ҳоҷат намонд.

Сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Самарқанд» Одинахон Ӯринова дар тарбияи чаҳор нафар фарзандонаш меҳнат мекунад. Ду нафари онҳо ногиро мебошанд, ёфтааш аз рӯзгораш зиёдатӣ намекунад. Масъулияти хонадор кардани фарзандон, духтар баровардан, тӯйи наберaҳо ба модар оромӣ намедиҳад.

— Нони аз пайи меҳнати ҳалол ба даст овардашуда лазиз аст, — мегӯяд Одинаапа, ашки чашмонашро пок карда. – Мо аз фароҳам овардани шароит ва имкониятҳо бароямон шод гаштем. Ниҳол, нуриҳои минералиро бепул гирифта, аз хидмати техника ройгон истифода мебарем. Ғайр аз ин, маҳсулотамонро дар ҳамин ҷо бо нархҳои озод мехаранд, ки ин имкони зиёд гардондани даромад ва беҳтар зиндагӣ карданро медиҳад.

Мутахассисон эътироф менамоянд, ки ба ҳисоби миёна аз 20 сотих замин беш аз 20 тонна ҳосил гирифтан мумкин аст. Бо назардошти он, ки соли гузашта нархи як кило маҳсулот 1500 сӯм буд, ҳисоб кардани фоидаи чашмдошт душвор нест.

## МАҲСУЛОТ СОДИР КАРДА МЕШАВАД

— Қисми зиёди маҳсулоти мо содир карда мешавад, — гуфт таъсисгари хоҷагии кооперативӣ, раиси ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Арамати-Бағдод» Фуркатҷон Бердалиев. — Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ, дар ин ҷо зиёда аз 8000 тонна қаланфури булғорӣ рӯёнда мешавад. Бо ин мақсад, мо фаъолияти қабули маҳсулот, хушккунӣ, коркард, қадоққуниро ба роҳ мондем. Соли гузашта 300 ҳазор доллар маҳсулот содир карда шуда бошад, имсол се ҳисса зиёд гардондани ин рақам ба назар гирифта шудааст.

Даромад мувофиқи меҳнат гуфтагӣ барин, аъзои хоҷагии кооперативӣ баробари даромад ба даст овардан аз фурӯши маҳсулоти худ, дар асоси ҳиссаи худ дар охири сол аз ҳисоби фоидаи соф манфиати моддӣ мебинанд.

— То ҳол 723 нафар шахсони камбизоат, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ночор ва тоифаи камбизоат, инчунин дар 42 нафаре, ки дар як хоҷагӣ ду ва аз он зиёд оила зиндагӣ мекунанд, муайян карда шуданд, — мегӯяд муовини ҳокими ноҳияи Бағдод, аъзои гурӯҳи корӣ оид ба коҳиш додани камбизоатӣ, муайян намудани манбаъҳои захира Бахтиёр Холдоров. — Дар ҳоли ҳозир дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Дашт» 100 оила дар самти гармхона, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Зафаробод» 210 нафар дар самти токпарварӣ, анорпарварӣ, шоликорӣ ба кооператсияи истеҳсолӣ муттаҳид шудаанд. Аз ин рӯ, мо диққати махсусро ба кор бо ҳар як оила, вазъи мавҷуда ва имконот равона месозем ва пешниҳодҳои амалӣ медиҳем. Ғайр аз ин, оид ба касбомӯзӣ ва бо кор таъмин кардани фарзандони оилаҳои камбизоат корҳо идома доранд.

Баҳор мавсими офариниш ниҳолшинонӣ аст. Бо риояи ин анъанаи қадимӣ, заминдорон ба шинонидани ниҳолҳои филфили булғорӣ дар ҷойҳои таъиншуда шурӯъ карданд. Деҳқонон мегӯянд, ки ҳар як рӯзи баҳор ғанимат аст .

**М. СУЛАЙМОНОВ,**
**мухбири ӮзА.**
**Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).**

Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСҲОИ ҶИНОӢ, ҶИНОИВУ МУРОФИАВИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ВА КОДЕКСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР БОРАИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**Моддаи 3. Ба Кодекси Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ**, ки Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 22 сентябри соли 1994 № 2015 - XII тасдиқ кардааст, (Ахборотномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, соли 1995, № 3, моддаи 6; Ахборотномаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, соли 1995, № 9, моддаи 193, № 12, моддаи 269; соли 1996, № 5-6, моддаи 69, № 9, моддаи 144; соли 1997, № 2, моддаи 56, № 4-5, моддаи 126, № 9, моддаи 241; соли 1998, № 3, моддаи 38, № 5-6, моддаи 102, № 9, моддаи 181; соли 1999, № 1, моддаи 20, № 5, моддаи 124 , № 9, моддаи 229; соли 2000, № 5-6, моддаи 153, № 7–8, моддаи 217; соли 2001, № 1-2, моддаи 23, № 9–10, моддаҳои 165, 182; соли 2002, № 1, моддаи 20, № 9, моддаи 165; соли 2003, № 1, моддаи 8, № 5, моддаи 67, № 9-10, моддаи 149; соли 2004, №1-2, моддаи 18, № 5, моддаи 90, № 9, моддаи 171; соли 2005, № 1, моддаи 18; Ахборотномаи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, соли 2005, № 9, моддаи 312, № 12, моддаҳои 413, 417, 418; соли 2006, № 6, моддаи 261, № 9, моддаи 498, № 10, моддаи 536, № 12, моддаҳои 656, 659; соли 2007, № 4, моддаҳои 158, 159, 164, 165, №. 9, моддаҳои 416, 421, № 12, моддаҳои 596, 604, 607; соли 2008, № 4, моддаҳои 181, 189, 192, № 9, моддаҳои 486, 488, № 12, моддаҳои 640, 641; соли 2009, № 1, моддаи 1, № 9, моддаҳои 334, 335, 337, № 10, моддаи 380, № 12, моддаҳои 462, 468, 470, 472, 474; соли 2010, № 5, моддаҳои 175, 179, № 6, моддаи 231, № 9, моддаҳои 335, 339, 341, № 10, моддаи 380, № 12, моддаҳои 468, 473, 474; соли 2011, № 1, моддаи 1, № 4, моддаҳои 104, 105, № 9, моддаҳои 247, 252, № 12/2, моддаи 365; соли 2012, № 4, моддаи 108, № 9/1, моддаи 242, № 12, моддаи 336; соли 2013, № 4, моддаи 98, № 10, моддаи 263; соли 2014, № 1, моддаи 2, № 5, моддаи 130, № 9, моддаи 244, № 12, моддаҳои 341, 343; соли 2015, № 6, моддаи 228, № 8, моддаҳои 310, 312, № 12, моддаи 452; соли 2016, №1, моддаи 2, № 4, моддаи 125, № 9, моддаи 276, № 12, моддаҳои 383, 385; соли 2017, № 4, моддаи 137, № 6, моддаи 300, № 9, моддаи 510, № 10, моддаи 605; соли 2018, №1, моддаҳои 1, 4, 5, № 4, моддаи 224, № 7, моддаҳои 430, 431, 432, № 10, моддаҳои 671, 673, 679; соли 2019, № 1, моддаҳои 1, 3, 5, № 2, моддаи 47, № 3, моддаҳои 161, 165, 166, № 5, моддаҳои 259, 261, 267, 268, № 7, моддаи 386, № 8, моддаҳои 469, 471, № 9, моддаҳои 591, 592, № 10, моддаҳои 674, 676, № 11, моддаҳои 787, 791, № 12, моддаҳои 880, 891; соли 2020, № 1, моддаи 4), тағйироту иловаҳои зерин дохил карда шаванд:

**номи боби III** дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«ФАСЛИ III. ҶАЗОИ МАЪМУРӢ ВА ЧОРАИ МАҶБУРӢ»;**

2) бо **моддаи 29²** мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи 29². Татбиқи чораҳои маҷбурии тиббӣ дар шароити пайдоиш ва паҳн шудани инфексияи карантин ва дигари барои инсон хатарнок**

Нисбат ба шахсе, ки дар шароити пайдоиш ва паҳншавии инфексияи карантинӣ ва дигари барои одамон хатарнок қонуншиканиии ба вайрон кардани қоидаҳои мубориза бар зидди эпидемия содир кардаанд, чораҳои маҷбурии хусусияти тиббӣ дар намуди табобат ё нигоҳ доштан дар карантин ҳангоми мавҷуд будани асоси дахлдори тиббии мақомоти назорати давлатии санитарӣ татбиқ карда мешавад.

Чораҳои маҷбурии хусусияти тиббӣ якҷоя бо таъин кардани ҷазои маъмурӣ ба мӯҳлати то сӣ шабонарӯз татбиқ карда мешаванд ва дар ҷойҳое, ки мақомоти назорати давлатии санитарӣ муайян кардаанд, иҷро карда мешаванд.

Иҷрои чораҳои маҷбурии хусусияти тиббиро мақомоти назорати давлатии санитарӣ, корҳои дохилӣ ва Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъмин мекунанд»;

3) **матни моддаи 54** бо мазмуни зайл ифода карда шавад:

«Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар шароити пайдоиш ва паҳншавии инфексияи карантинӣ ва дигар сироятҳое, ки барои одамон хатарноканд, бар хилофи талаботи махсуси мақомоти ваколатдор бидуни ниқоб будан –

то панҷ воҳиди пойгоҳи ҳисобӣ ҷарима карда мешавад.

Вайрон кардани қоидаҳои ҳатмие, ки бо мақсади пешгирии пайдоиш ё ки паҳншавии инфексияи карантинӣ ва дигаре, ки ба одамон хавфноканд, муқаррар шудаанд, аз он ҷумла дар шароити пайдо шудан ва паҳн гардидани инфексияи карантинӣ ва дигари ба одамон хавфнок, риоя накардани тартиби дохилии муассисаи тиббӣ ва бесабаб иҷро накардани талабот оиди гузаштан аз муоинаи тиббӣ ва муолиҷа, омадан ба ҷойҳое, ки барои карантин муайян шудаанд ва тарк накардани ин ҷойҳо дар мӯҳлати муқарраршуда, ошкор намудани маълумот дар бораи шахсоне, ки бо онҳо тамос шуда буд ва ҷойҳои боздид дар давраи мубтало шудан ба ин беморӣ, инчунин дигар талаботҳои қонунии мақомоти назорати давлатии санитарӣ –

ба шаҳрвандон аз бист то сӣ, барои шахсони мансабдор – аз сӣ то панҷоҳ воҳиди пойгоҳии ҳисобӣ ҷарима таъин карда мешавад";

4) **сархатҳои дуюм - қисми чоруми моддаи дуюми 257** дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«Сарнозири давлатии санитарии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва муовини ӯ;

сардорони раёсатҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Қарақалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ва муовинони онҳо;

мудирони филиалҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ)-и раёсатҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ";

5) дар **моддаи 287**:

**банди 1** пас аз рақами **«51⁹» бо рақами «54»** пурра карда шавад;

дар **банди 9** рақами «61» ба рақамҳои «54, 61» иваз карда шавад;

6) дар **қисми сеюми моддаи 288** рақами «56» ба рақамҳои «54, 56» иваз карда шавад.

**Моддаи 4**. Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

қарорҳои ҳукуматро ба Қонуни мазкур мувофиқ гардонад;

аз нав дида баромадан ва аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ, ки хилофи Қонуни мазкур мебошанд, таъмин намояд;

иҷро, то ба иҷрогарон расондан ва дар байни аҳолӣ тавзеҳ додани моҳият ва аҳамияти Қонуни мазкурро таъмин намояд.

**Моддаи 5.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ эътибор пайдо мекунад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

Шаҳри ТОШКАНД,
26 марти соли 2020.

№ ҚҶӮ-613

*Пӯшида нест, ки замини наздиҳавлии хонаводаҳои зиёд чандин солҳо киштро надидаанд. Ҳоло бо ташаббуси Президент дар замини наздиҳавлии ҳар як хонадон ҳосили зиёд рӯёнида, он манбаи даромади асосии оилаҳо гардид.*

*Дар маҳаллаи Бирлики ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд 1200 хонадон истиқомат мекунад. То солҳои наздик аҳолии ҷамоа бо ангурпарварӣ машғул буд. Имрӯзҳо 80 фоизи аҳолии он аз замини наздиҳавлӣ пурсамар истифода мебаранд. Онҳо асрори тути заминӣ ва лимӯпарвариро низ омӯхтаанд.*





*– Аз 8 сотих ангурзори наздиҳавлӣ ҳосили зиёд мегирифтам, – гуфт сокини маҳалла Йигиталӣ Содиқов. – Соҳибкор ва фермер Бахтиёр Маҷидов ба оилаҳои ниёзманд ва касони бекор бобати барпо кардани гармхона ва истифодаи он кӯмаки амалӣ мерасонад. Ҳоло аз навъҳои «Гигант», «Чарлӣ», «Виктория»-и гармхона соле 3 маротиба ҳосил мегирам. Ин ба рушди ҳаётамон ва даромади ҳосил меафзояд.*

*Аҳли оилаи Самеъ Самадов бошад, дар гармхонаи яксотихаи наздиҳавлӣ 15 бех навъи «Меэр»-и лимӯро парвариш карда, аз он соле 1200 кг ҳосил мегиранд.*

**Дар сурат:** *(аз чап)* **Йигиталӣ Содиқов** *ва* **фермер Бахтиёр Маҷидов.**

**Дар сурат: Самеъ Самадов** *дар гармхона.*

**Суратгир:**
**Даврон АҲМАД.**

# ПОКӢ ДАРАҶАИ ИБОДАТ АСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Пайғомбар (с.а.в.) фармудаанд: «Покӣ ними имон аст». (Ривоёти Имом Муслим, Имом Насоӣ ва Имом Тирмизӣ). Дар ҳадиси шарифи дигар омадааст: «Аллоҳ хушҳол аст, хушҳолонро дӯст дорад, покиза аст, поконро дӯст дорад, басе саҳӣ аст, сахиёнро дӯст дорад». (Ривоёти Имом Тирмизӣ, Имом Баззор ва Имом Абӯяъло).

Ин ҷо «покӣ»-и зоҳирӣ ва ботинӣ дар мадди назар аст. «Покии ботинӣ» қалбро аз иллатҳои гуногун ва кинаву кудурат эмин нигоҳ доштан аст. Аз Нӯъмон ибни Башир ривоятест: «Шунидам, ки Расулуллоҳ мегуфт: «Огоҳ бошед, дар бадан порае гӯшт вуҷуд дорад. Он ислоҳ шавад, дигар аъзои бадан низ ислоҳ гардад. Агар он бигандад (вайрон шавад), дигар аъзои бадан низ бигандад. Огоҳ бошед, он як пора гӯшт қалб аст». (Муттафақун алайҳ).

Покии зоҳирӣ покии шахсӣ бошад. Покӣ дар динамон ифодагари дараҷаи ибодат аст. Намози шахси нопок қабул нашавад. Пайғомбар (а.с.) ба покию покизагӣ ҳамеша эътибор додаанд, гуфтаанд, ки ба инсони таҳоратдор савоби зиёде таъин аст.

Бино ба ривояте, ки аз Ибни Умар (р.а.) мекунанд: «Пайғомбар (с.а.в.) гуфтааст: «Ба касе, ки такрор таҳорат мекунад, даҳ ҳасанот навишта хоҳад шуд». (Ривоёти Имом Абӯдовуд ва Имом Тирмизӣ).

Аз Абӯҳурайра (р.а.) ривоят кунанд: «Ман гуфтаи Халилам (с. а. в.)-ро шунидам, ки мегуфт: «Орои муъмин – оби таҳорат, то ҷое, ки ӯ рафтааст, меравад». (Ривоёти Имом Муслим ва Имом Насоӣ). Орои муъмин ба маънои орои банда дар рӯзи қиёмат аз ҷониби Аллоҳ бошад. Пас, муъмин дар ин дунё таҳораташро ҳар қадар мукаммал анҷом диҳад, дар рӯзи қиёмат орои Аллоҳ низ ба ӯ ба он андоза хоҳад шуд.

Худои таъоло марҳамат кунад: «Ва онҳо бо лаълу тилло оро дода хоҳанд шуд. Ва либосҳои он ҷо (биҳишт) аз абрешим аст».

Дар маъхазҳои тиббӣ омадааст, ки шустушӯйи ҳамарӯзаи аъзо пеши бемориҳои пӯстро мегирад. Барилова, таҳорат ба низоми гардиши хун таъсири мусбӣ хоҳад расонд, дар ҷисми инсон баробар тақсим шудани хунро таъмин менамояд. Ба ҷуз ин, ба ҳазми таом кӯмак мерасонад, саратони пӯстро пешгирӣ мекунад, пӯстро аз таъсири микробҳои гуногун ҳифз менамояд.

Ривояте аз Ибни Масъуд мекунанд: «Расулуллоҳ (с. а. в.) фармудаанд: «Байни ангуштонатонро хубтар шӯед, зеро он покист. Покӣ ба имон даъват менамояд. Имон дар биҳишт бо соҳибаш дар як ҷост». (Ривояти Имом Табаронӣ).

Пас, инсон агар ба тозагию озодагии шахсӣ эътибор диҳад, қабл аз ҳама савоб мегирад, баъдан сабабгори паҳн нагардидани бемориҳои гуногун дар байни аъзои оила, хешу ақрабо ва наздикон мегардад, ба ноҳинҷориҳо рӯ ба рӯ нахоҳад шуд.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**муовини сармуҳаррири маҷаллаи «Нақшбандия».**

# МУНОСИБАТИ ЗАМОНАВӢ ДАР ПАХТАКОРӢ ДАРОМАДИ ФЕРМЕРОН ВА КЛАСТЕРҲОРО ЗИЁД МЕГАРДОНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Кооперативҳо, баръакси кластерҳо, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ озмуда шуда, як шакли иттиҳодияи ихтиёрии соҳибкорон, ки комилан дар асоси демократия асос ёфтаанд, мебошанд. Аммо, мо вазифаҳои пешбинишударо танҳо он вақт иҷро карда метавонем, ки мақомоти маҳаллӣ аз вазифаҳои номатлубе чун ташкили кооперативҳо, таъини раисони онҳо, мониторинги даврии фаъолиятҳо, ки дар шуури мо мустаҳкам шудаанд ва то ҳол аз рӯйи одат амал мекунанд, халос шаванд. Ин яке аз таҳдидҳои хавфноки иҷтимоию иқтисодӣ дар ташкили кооперативҳо мебошад.

Кластерҳои пахтаву бофандагӣ барои дахолати маъмурӣ ба фаъолияти иқтисодӣ ва истеҳсолии хоҷагиҳои фермерии дар сохтори худ амалишаванда фишангҳои зиёд доранд, аммо дар айни замон онҳо ба фермерон имкон медиҳанд, ки кластерҳоро барои фаъолияти муштарак озодона интихоб кунанд.

Ҳоло хоҷагиҳои фермерие, ки пахта мерӯёнанд, дар асл тамоми имкониятҳоро доранд (онҳо на танҳо дар қонунҳо пешбинӣ шудаанд) дар асоси шартномаҳои муфиди бо кластерҳо имзошуда фаъолият нишон диҳанд.

Минбаъд Шӯрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва соҳибони заминҳои шахсии Ӯзбекистон, мақомоти адлия ва васоити ахбори омма бояд дар ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва қонунии хоҷагиҳои фермерӣ, ки дар сохтори кластерҳо фаъолият мекунанд, нақши муҳим дошта бошанд. Танҳо дар ин сурат мо вазифаҳои дар қарор ва фармонҳои қабулшуда пешбинишударо, ки ба ҷорӣ намудани принсипҳои бозорӣ дар соҳаи истеҳсоли пахта нигаронида шудаанд, татбиқ карда метавонем.

**Шухрат АБДУАЛИМОВ,**
**мудири лабораторияи Институти илмиву тадқиқотии селексия, тухмипарварӣ ва технологияи кишоварзии парвариши пахта, доктори илмҳои кишоварзӣ.**
**(ӮзА).**

***Мувофиқи супориши Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 28 марти соли равон ба мақсади бартараф кардани васеъ паҳншавии коронавирус аз ҳисоби маблағҳое, ки баҳри мубориза бо ин пандемия ҷудо карда шудаанд, аз Чин 200 ҳазор адад низоми тести муайянкунандаи вирус ва 50 ҳазор адад сару либоси якдафъаина – комбинезони ҳимоя харид карда шуданд.***

# АЗ ЧИН ТЕХНИКАҲОИ ЗАРУРИИ ТИББӢ ВА ВОСИТАҲОИ ҲИМОЯ ОВАРДА ШУДАНД

Арзиши умумии бори мазкур, ки аз тариқи ҳавопаймои боркашони ҳарбӣ оварда шуд, 27,8 миллиард сӯм буда, вазнаш 20 тоннаро ташкил медиҳад. Бо ин хатсайри махсус 2,5 миллиард сӯмина воситаҳои гуногуни тиббии инсонпарваронае, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷудо карда шудаанд, низ расиданд.

Ғайр аз ин бинобар қарори Девони Вазирон аз ҳисоби маблағҳое, ки барои мубориза бо коронавирус ҷудо карда шудаанд, 31 март харид шудани 16 миллиард, 3 апрел бошад, 45 миллиард сӯмина техникаҳои тиббӣ ва воситаҳои ҳимоя ва ба мамлакат овардани онҳо пешбинӣ гардидаанд.

Аз ҷумла, бо назардошти таҷрибаҳои хориҷӣ барои кормандони тиббиёт ба харидани комбинезонҳои махсуси дараҷаи дувум, яъне таъиноти минтақаи сурх эътибор дода шуд.

**ӮзА.**

# МАВҚЕИ МАТБУОТ ДАР ГУСТАРИШИ РАВОБИТИ АДАБӢ

*ё худ назари Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба забономӯзӣ*

Падидаи тозаи адабиву маънавии халқи тоҷик дар оғози қарни XX ин таъсис ёфтани матбуоти тоҷик ва ҳамзамон матбуоти дузабона, яъне тоҷикиву ӯзбекӣ мебошад, ки ҳамчун дастгоҳи нерӯманди иттилоотӣ дар инъикоси ҳаводиси тоза ва таблиғоти фикрӣ, дар бозтоби масоили умдаи адабӣ, ҳаёти сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд.

Матбуоти тоҷик, ба вижа нашрияҳои дузабона, чун "Самарқанд" ва маҷаллаи "Ойина", пеш аз ҳама, ба вусъати ниёзҳои маънавии халқи тоҷику ӯзбек, дар огоҳ кардани мардум аз дастовардҳои тозаи адабию фарҳангии кишварҳои дигар низ то ҳадди имкон замина гузоштанд. Адибони равшангар баҳри ғанои фарҳангӣ ва маънавии мардуми кишвар саъю талоше намуда, ҳамзамон барои равобити адабӣ шароити мусоиде фароҳам оварданд, ки дар оғози садаи бист ҳамаҷониба ба манфиати кор буд.

Пайванди адабӣ ҳамчун падидаи адабию фарҳангӣ дар оғози садаи бист ба василаи рӯзномаҳои «Бухорои шариф», «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» рӯ ба густариш ниҳод. Ҳамчунин равобити адабӣ шароитеро ба вуҷуд овард, ки аҳли адаб, пеш аз ҳама, бо дастовардҳои тозаи мардуми мамолики дигар ошноӣ пайдо намоянд. Ошноӣ бо дастовардҳои илму адаби кишварҳои дигар дар оғози садаи бист дар зеҳни эшон андешаи қиёс карданро парвариш намуд. Ин парвариш нигоҳи мардумро бори дигар ба масоили муҳим ва ҳалталаби ҷомеаи он рӯз ҷалб карда, андешаи ислоҳи ҷомеаро дар зеҳну тафаккури аҳли ҷомеа тақвият бахшид. Аз ҷониби дигар равобити адабӣ худ чун нишони эҳтиром ва пос доштани адабиёти кишвари дигар, дар тафаккури аҳли адаб ва ҷомеа андешаи гиромидошти суннатҳои адабии он мамоликро бедор кард. Ва маҳз ин бедорӣ боис гардид, ки матбуот чун василаи ҷавлонгоҳи афкор ва омили муассире дар рушди равобити адабӣ эътироф гардад.

Бояд зикр намуд, ки маҳз матбуоти тоҷикиву ӯзбекӣ дар оғози садаи бист дар рушду густариши афкору маънавиёти ин ду халқ саҳми муассир гузоштаанд. Аввалан, ошноӣ бо намунаҳои назму насри рус ва дигар миллатҳо аз роҳи мутолиаи нашрияҳои бонуфуз ва маҷаллаҳои форсиву туркӣ, чун «Сироти мустақим» сурат гирифтааст. Дар ин кор нашрияҳои тоҷикӣ «Бухорои шариф», «Турон», «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» ҳамчун василаи муҳим хидмат карданд. Чунончӣ, «асоси маводи публитсистикаи Айнӣ ва мақолаҳои адибони дигари ин давраи адабиёти ду даҳсолаи аввали тоҷик аз ҳамин мутолиа ва огоҳии онҳо аз матбуот маншаъ гирифтааст» .

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ низ чун яке аз чеҳраҳои барҷастаи наҳзати маорифпарварӣ ва асосгузори публитсистикаи тоҷику ӯзбек мақоми забонҳоро дар рушду таҳаввули шахсият ва ҳамчунон рушду равобити адабӣ ва масоили дигар барҷаста медонад. Далел бар ин матлаби мо нашрияҳои "Самарқанд" ва маҷаллаи «Ойина» буда метавонанд, ки муассис ва ношири онҳо Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ буд ва маҷаллаи худро бо се забон аз чоп мебаровард. Дар саҳифаи аввали маҷалла номи он бо се забон – тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ, суроға ва макони идораи маҷалла низ бо забони русӣ оварда шудааст, ҳарчанд матолиби русӣ ба назар намерасанд. Ба андешаи Беҳбудӣ бо донистани забонҳои русӣ ва туркӣ метавон аз асарҳои донишмандони рус ва фаранг воқиф гашт, зеро асарҳои оламшумул ба ин забонҳо тарҷума гардидаанд. Дар ин замина метавон ба ҳайси муҳаррири нашрияи нахустини тоҷикӣ «Бухорои шариф» таъин шудани Мирзо Ҷалол Юсуфзодаро яке аз иқдомоти шоистаи равшангарон дар мавриди рушди равобити адабии халқи тоҷик шуморид.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ хусусан ба масъалаҳои забон таваҷҷӯҳи зиёд намуда, ҳамзамононашро даъват менамояд, ки эҳтироми забони модарии хешро, пеш аз ҳама, ба ҷой оваранд, донистани забонҳои гуногунро баҳри рушду пешрафти ҷомеа ва ҳамчунон равобити адабии он замон аз умдатарин вазоифи давр мешуморад. Чунончӣ, дар шумораи нахустини маҷаллаи «Ойина», дар навиштаи «Дуто не, чор забон лозим аст» андешаҳои ҷолиби худро чунин баён намудааст: «Имрӯз барои мо туркистониҳо туркӣ (ӯзбекӣ), форсӣ (тоҷикӣ), арабӣ ва русӣ хондан лозим аст». Ӯ аз аҳли ҷомеа донистани ин забонҳоро талаб намуда, мақоми онҳоро ба хонандагони маҷалла алоҳида шарҳ медиҳад.

Ӯ аз ганҷинаи бебаҳои илму адаби форс-тоҷик бо эҳсос ёдовар гардида, қайд менамояд: он хазинаи маънавиест, ки баҳри истифодааш аврупоиҳо миллиардҳо сӯм сарф менамоянд. Барои мо саодат аст, ки туркӣ ва форсиро бетаҳсил медонем. Ҳар турк форсӣ ва ҳар форс туркиро бояд донад.

Дар мақолаи «Дар масъалаи забон» хусусан ба раванди ҳамроҳшавии вожа ва ибораҳои форсӣ ба забони туркӣ, лаҳҷа ва шеваҳои гуногуни забони туркӣ ва мавқеи забони тоҷикӣ (форсӣ) дар Осиёи Марказӣ, содагии забон, забони адабиву илмӣ андеша ва мулоҳизаҳои ҷолиби хешро баён намудааст. Фикрҳои Беҳбудӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ, немисӣ, фаронсавӣ, англисӣ, итолиёвӣ, арабӣ, ҷопонӣ низ аз аҳамият холӣ нестанд.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки нашрияҳои дузабона – тоҷикиву ӯзбекӣ омили асосии рушди равобити адабии ин ду халқ дар оғози садаи бист ба шумор мераванд. Омӯзишу баррасии матолиби ин нашрияҳо имрӯз, дар давրони ҷаҳонишавӣ беш аз пеш муҳим ва зарур мебошад.

**Абдуқодири АБДУРАУФ,**
**дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.**



*Владимир Илюшин 15 сол аст, ки бо касби истеҳсоли маҳсулоти чармин дар Маркази ҳунармандони шаҳри Самарқанд фаъолият мебарад.*

*Алҳол ӯ бо шогирдаш Толиб Мирзоев зиёда аз даҳ навъи маҳсулотро истеҳсол менамоянд. Ба ин маҳсулоти устоду шогирд талаб торафт зиёд мегардад. Аз ин рӯ, онҳо болои лоиҳаҳои нав кор мекунанд.*

***Дар сурат:** ҳунарманд **Владимир Илюшин**.*

**Суратгир: Алишер ИСРОИЛОВ (ӮзА).**

# БЕДИЛ ВА АДАБИЁТИ ӮЗБЕК

Мирзо Абдулқодир Бедил на танҳо ҳамчун намояндаи адабиёти Шарқ, балки ба сифати вакили забардасти адабиёти ҷаҳон низ дар рушди тафаккури бадеиву зебоишиносии мардуми Шарқу Ғарб таъсиргузор аст. Хусусан, ашъори форсиву туркии пас аз нимаи дувуми асри XVIII-ро бидуни таъсири Бедил тасаввур кардан амри муҳол аст. Аз ин таъсири файзбор адабиёти ӯзбек низ истисно нест. Нусхаи дастнабишти асарҳои Бедил, ки пас аз 32-33 соли вафоти шоир рӯбардор шудааст, собит мекунад, ки асарҳои пурқимати ӯ дар байни халқи ӯзбек ниҳоят барвақт паҳн гардидааст. Фитрат ҳатто ба эҷодиёти Машраб, хусусан, ба ашъори форсии ӯ мавҷудияти таъсири Бедилро зикр мекунад, ки ин ду шоири ҳассос дар як давр зиндагӣ кардаанд.

Маълум аст, ки Бедил дар адабиёти Шарқ ба сифати шоири услуби эҷодияш мураккаб эътироф шудааст. Хонда фаҳмидани осори ӯ, дарки моҳияти афкори бо тимсолу ташбеҳҳои зиёд печондашудаи шоир осон нест, омодагии алоҳидаро тақозо мекунад. Омили асосии мураккабшавии услуби шоир эҳтиёҷи талқини афкори амиқи фалсафӣ бо усули баланди бадеӣ мебошад. Чунонки худи шоир дар ин маврид таъкид мекунад:

*Маънии баланди ман фикри*
*тунд меҳоҳад,*
*Сайди фикрам осон нест,*
*кӯҳаму кутал дорам.*

На танҳо мазмуни асарҳои Бедил амиқ аст, балки забони онҳо ба сабаби ғановати рамзу ташбеҳ душвор ҳам мебошад. Бар илова, як низоми яклухти истилоҳ ва тимсолҳое, ки дар эҷодиёти Бедил аз ҷониби худи ӯ коркард шудаанд, танҳо дар асарҳои шоир дучор меоянд. Барои ҳамин ҳам, бо мақсади фаҳмондани онҳо китобҳои зиёди шарҳӣ таълиф шудаанд. Аз ҷумла, Аҳмади Дониш низ як қатор рубоӣ ва байтҳои ӯро шарҳ додааст.

Дар байни халқи ӯзбек чун маснавихонӣ, ҳофизхонӣ, навоихонӣ, фузулихонӣ бедилхонӣ низ васеъ густариш ёфтааст. Бисёр бедилхонҳое ба воя расидаанд, ки асарҳои Бедилро хонда, мефаҳмонданд, бинобар эҷодиёти шоир баҳсу мунозираҳо ташкил мекарданд. Дар шаҳрҳое мисли Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хева, Андиҷон, Хуҷанд, Қӯқанд, Марғелон, Каттақӯрғон, Шаҳрисабз бедилхонҳои машҳур фаъолият дошта, шабҳои бедилхонӣ баргузор мешуд.

Фақат дар муҳити адабии Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX даҳҳо бедилхонҳои забардаст мисли Аҳмади Дониш, Садри Сарир, Сипандӣ, Сират, Абдулбоқихӯҷаи Бебок, Савдо, Исо Махдум, Мирзо Абдураҳими Хаёл, Хиҷлати Бухорӣ, Муҳаммадбурҳони Қонеъ, Анвари Бухорӣ, Афзали Пирмастӣ, Бақои Миракон, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Садриддин Айнӣ ҳузури фаъол доштаанд. Дар мадрасаи Турсунҷон бедилхониҳо бо иштироки Садри Сарир, Ҷунайдуллои Ҳозиқ, Мулло Музтари Косонӣ, Мулло Саъдиддини Моҳир, Мулло Муҳаммад Амини Самарқандӣ ва дигарон дар руҳияи баҳсу мунозира ва мусобиқаҳои эҷодӣ мегузаштааст. Мавзӯи асосии шабҳои шеърхоние, ки Мирсиддиқи Ҳайрат созмон медод, низ мероси Бедил буд. Чунонки таъкид мегардад, осори Бедилро хонда, маънои аслии онҳоро фаҳмидан, онҳоро шарҳ додан ва ба он шеърҳои сеҳрангез ҷавобияҳо навиштан, албатта, аз ихлосмандони шоир лаёқати баланди фикрӣ, маҳорат ва истеъдодро талаб мекард. Онҳое, ки аз уҳдаи ин гуна кори хеле душвор ва масъулиятнок мебаромаданд, бо равиши ҳаққонӣ аз «бедилхон» будани худ ифтихор мекарданд. Бинобар ривоят, дар яке аз чунин маҳфилҳои бедилхоние, ки «оинаи зебои донишмандии Шарқ» (Ҳ. Болтабоев) ба ҳисоб мерафт, яке аз бедилхонҳо 99 маънои як мисраи ба қаламишоир мансуб бударо кашф карда, ҳамаро дар ҳайрат гузоштааст. Лекин Бедил ҳамон шаб ба хобаш даромада, маънои садуми мисраъро ба ӯ гуфтааст.

Асарҳои Бедил ба барномаи таълимии мадрасаҳо дохил гардида, бо мақсади чарх додани зеҳни шогирдон, васеъ кардани доираи тафаккур ва ривоҷ додани нутқ бо шарҳу эзоҳҳо омӯзонда шудааст. Бо мақсади равон хондани матни алифбои арабӣ онҳо аз ҷониби бачаҳо бо хати шикаста ва нимшикаста рӯбардор шудаанд. Барои ба таври васеъ оммавишавии асарҳои шоир дар мадрасаҳо ба эҷоди ӯ эътибори алоҳида додан низ сабаб шудааст. Ба ҷиҳати он ки ба он талаб ва рағбат зиёд буд, хаттотони зиёде ба рӯбардоркунии осори шоир машғул гардидаанд. Масалан, хаттоти машҳури хивагӣ Муҳаммад Шариф онҳоро наздик ба даҳ маротиба рӯбардор кардааст. Ду нусхаи дастнабишти асарҳои шоир, ки аз тарафи Муҳаммад Азиз қорӣ рӯбардор шудааст, дар Музейи адабиёти ба номи Алишер Навоӣ нигоҳ дошта мешавад. Аҳмади Дониш низ дар як муддати муайяни ҳаёти худ бо рӯбардоркунии девони Бедил таъмини маишати рӯзгор кардааст. Дар як баёзе ҳам, ки бо дасти Огаҳӣ рӯбардор шудааст, ғазал ва мухаммасҳои Бедил мавҷуд аст. Ба ин тариқа, дастнабишти асарҳои Бедил зиёд рӯбардор шуда ва чопи сангии он мавҷуд аст.

Дар «Тазкираи Қайюмӣ» номи нӯҳ шоире, ки танҳо ба як ғазали бо радифи «раҳмат аст» эҷодшудаи Бедил мухаммас бастаанд, оварда шудааст: Роҷӣ, Роҷии Намангонӣ, Ирфон, Хиҷлат, Ваҳҳоҷ, Боқӣ, Парвона, Акмал, Қорӣ. Ин, албатта, маҳсули маҳфилҳои бедилхонӣ ва мусобиқаҳои байниҳамдигарӣ мебошад. Дар «Тазкират-уш-шуаро», ки ба шоирони форсигӯ бахшидааст, шоиронеро мисли Ҳаё, Сухан, Фориғ, Қобил, Маст, Маънӣ ба сифати пайравони Бедил нишон медиҳад.

Баҳсу мунозираҳое ҳам, ки соли 1911 дар саҳифаҳои маҷаллаи «Шӯро» дар бораи Бедил шудааст, аз чи қадар машҳур будани ӯ дар байни халқҳои туркзабон дарак медиҳад.

Ба бисёр ғазалҳои Бедил оҳанг баста шуда, дар таркиби шашмақом ворид шудани онҳо беҳуда нест. Дар баёзҳое ҳам, ки матни «Шашмақом» навишта шудааст, аз ҳама беш ғазалҳои Бедил ба чашм мерасанд.

Бедил на танҳо ба намояндагони адабиёти классик, балки ба шоирони ҳамзамони мо низ таъсири бориз гузоштааст. Намунаҳои равшани ин таъсирпазириро мо дар эҷодиёти шоироне мисли Ғ.Ғулом, Ойбек, Шайхзода, А.Мухтор, Э.Воҳидов, А.Орипов, Ҷ.Камол, С.Салим, М.Абдулҳаким, И.Субҳонӣ, Барнобек, В.Файзулло мушоҳида мекунем. Аз ҷумла, ашъори шоир ва академик Ғафур Ғулом аз таъсири Бедил дар канор нест. Ӯ яке аз бедилхонҳои пуриқтидор буда, дар мақолаҳояш аз Бедил иқтибос ва дар шеърҳояш ба мисраъҳои Абулмаонӣ тазмин бастанро дӯст медошт. Ӯ дар давоми зиндагии худ куллиёти Бедилро ҳамеша ҳамроҳ медошт, аксари ашъори ӯро аз ёд дониста, як умр таъсир пазируфтааст.

Намунаҳо аз эҷодиёти Бедил бори аввал соли 1960 дар маҷмӯаи «Тафаккур мевалари» («Меваҳои андеша»), ки аз ашъори шоирони мумтоз мураттаб гардида буд, ба нашр расид, дар он 21 рубоии шоир дар тарҷумаи Ғафур Ғулом, Носир Саидӣ ва Шоислом Шомуҳаммедов ҷой гирифтааст. Чанде пеш қиссаи «Комде ва Мадан», ки аз асари «Ирфон» гирифта шудааст, дар тарҷумаи Назармат ба нашр расид.

Шоири боистеъдод ва мутарҷими меҳнаткаш Матназар Абдулҳаким солҳои зиёд бо тарҷумаи ғазалҳои Бедил машғул гардид. Ин тарҷумаҳо дар чанд нашрия чоп шуд ва дар шакли маҷмӯаи алоҳида рӯйи чопро дид. Ӯ ашъори шоирони бузургро як андоза озод тарҷума мекунад. Аммо ин озодӣ бештар таъсири мусбии худро додааст. Асқар Маҳкам ва Ҷонибек Субонқулов низ намунаҳо аз ғазалҳои Бедилро баргардон кардаанд. Роқими ин сатрҳо низ беш аз 200 рубоии шоирро дар вазни анъанавӣ ба ӯзбекӣ баргардонд, ҳамчунин як ғазал ва намунаи ҳикматҳояшро тарҷума карда, дар маҷмӯаи «Ойинаи ҳайрат», ки аз асарҳои Бедил мураттаб гардидааст, эълон карда буд.

Бинобар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Бедил, мазмуни асарҳое, ки услуби мураккаб дошта, дорои қабат-қабат паҳлӯҳои маъноӣ мебошанд, дар Ӯзбекистон хеле корҳо ба анҷом расидааст. Дар ин маврид тадқиқотҳои Абдурауф Фитрат, Садриддин Айнӣ, Иброҳим Муъминов, Шоислом Шомуҳамедов, Шавкат Шукуров, Ҳамидҷон Ҳомидӣ, Наҷмиддин Комилов, Иброҳим Ҳаққулро бояд зикр кард. Бояд гуфт, ки Бедил адиб ва мутафаккире мебошад, ки ба рушди ҳаёти адабию фарҳангии Мовароуннаҳр ва тафаккури иҷтимоиву фалсафӣ таъсири назаррас расонидааст. Ӯ на танҳо дар Шарқ, балки дар қатори шоирони забардасти адабиёти ҷаҳон низ истодагарӣ мекунад.

Қисми ниҳоят андаки мероси Бедил ба забони ӯзбекӣ баргардон шудааст. Тарҷумаи пурра ва тадқиқи ҳамаҷонибаи осори шоир бидуни шубҳа, онро ғановат бахшида, ба зинаи нав мебардорад. Таъсири Бедил ба адабиёти ӯзбек бояд аз ҳар ҷиҳат амиқ ва васеъ санҷида шавад.

**Эргаш ОЧИЛОВ,**
**номзади илмҳои филология.**

## Хабарҳо

### Узви гурӯҳи ҷиноӣ – ногиро

***Суди ҷиноии ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд дафтари аъмоли гурӯҳеро варақ гардонд, ки дар роҳҳои автомобилгарди Оҳангарон, Пискент ва Ангрен бо таҳдид ва найранг ба тороҷгарӣ машғул мегашт.***

Нақшаи ҷиноӣ хеле оддӣ – ҷавонзанҳо У.Мамаҷонова ва Ф.Ҳакимова ба мошинҳои боркаш даст бардошта, паҳлӯи ронанда нишаста, баъди андак ҳаракат кардани мошин аз усули ба занҳои беҳаё хос истифода кардаю хаёли ронандаҳо дуздида, дарҳол бо телефон ба аъзои гурӯҳ Р. Ҳоҷиев, Б.Куналиев, Б.Муҳамедов ва Д.Эралиев хабар медиҳанд. Мошинро, ки канорае қарор дорад, «Матиз»-и зуд расидаомада меёбад. Ронандаҳо, ки болои гуноҳ ба даст афтодаанд, саросема мешаванд. То сир фош нашавад, онҳо ба ҳар шарти «ҳимоятгарон»-и занҳои маккор розӣ. Тороҷгарӣ дар роҳ чанд бор такрор ёфт ва ниҳоят, гурӯҳи ҷиноӣ иборат аз 6 нафар ба даст афтод. Суд онҳоро чандсолӣ аз озодӣ маҳрум намуд. Тааҷҷубовар боз он аст, ки яке аз узвҳои даста ногирои гурӯҳи дуюм. Вай дар суд оби чашм мерехт, пушаймонӣ менамуд. Вале ҷиноят, ки содир гашт, ҷазо муқаррар.

### Ҳолати майдонҳои ҷаримавӣ чӣ хел?

***Аз ҷониби идораи амнияти роҳи саридораи корҳои дохилии вилояти Тошканд ҷамъомад баргузор ва масъалаи тарзи нигоҳдории автомобилҳо, ки ба майдонҳои ҷаримавӣ ҷалб карда мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.***

Дар он нозир ва сарнозирҳои роҳ, ки дар ҳудуди вилоят фаъолият бурда, ба қоидаҳои ҳаракат риоясозии автомобилҳоро назорат мекунанд, иштирок намуданд.

Ҳолати майдончаҳои ҷаримавӣ ба талаб ҷавобгӯст? Аз компутер ва камераҳои назоратгари замонавӣ самаранок истифода бурда мешавад? Табодули электронӣ дар ҷараёни назорати бехавфӣ роҳандозӣ шудааст? Муомила бо ронандагон чӣ хел? Коррупсия ба мушоҳида мерасад ё не?

Масъулон ба ин гуна саволҳо ҷавоб гуфтанд, баҳри бартарафсозии норасоиҳо тавсияҳо қабул карда шуданд.

### «Кинотеатрҳо» – дар хона

***Байни роҳбарияти Агентии миллии «Ӯзбеккино» ва ширкатҳои телевизионии давлатию ғайридавлатӣ меморандум ба имзо расид ва аксияи «Кинотеатри хонагӣ» старт гирифт.***

Наздик 250 филми бадеӣ, кӯтоҳметраж ва ҳуҷҷатӣ интихоб карда шуданд, ки дар бойгонии агентӣ нигоҳ дошта мешаванд. Аксарияти картинаҳо, ки маҳсули «Ӯзбекфилм» буда, солҳои гуногун ба сурат бардошта шудаанд, дар мавзӯъҳои таърихӣ ва мамлу аз ғояҳои ватанпарастонаанд. Мақсад – пурмазмун гузаронидани вақти холии аҳолӣ, хусусан, насли ҷавон, ки имрӯзҳо бинобар тақозои шароит дар хонаанд.

### Сериал дар мавзӯи экология

***Ба тамошои филмҳои бисёрқисматаи телевизионӣ таваҷҷӯҳи бинандагон зиёд. Баробари сериалҳои хориҷӣ, ки дубляж мешаванд, филмофарони маҳаллӣ дар ин самт фаъолнокӣ зоҳир мекунанд.***

Бо фармоиши шабакаи телевизионии «Ӯзбекистон» аз ҷониби корхонаи давлатӣ-унитарии «Ӯзбектелефилм» картинаи бисёрқисмата бо унвони «Суруди дарахтон», ки дар мавзӯи экологист, ба сурат бардошта шуд. Филм аз 30 қисм иборат, ҳар серия 40 дақиқа давом мекунад. Муаллифони сенария Моҳигул Ҳамроева ва Саодат Муродова. М.Ҳамроева айни замон коргардони филм буда, баробари ҳунарпешагони шинохта Т.Кубаев, Б.Искандаров ва Г.Маҷидова барин иҷрогарони ҷавонро ба нақшҳои асосӣ ҷалб намудааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

**Ба пешвози 75-умин солгарди Ғалаба**

# СОҲИБИ ИРОДАИ ШИКАСТНОПАЗИР

***Нина Мартинова дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон муҳосираи Ленинградро аз сар гузаронидааст. Вай чунин меҳисобад, ки барои ӯ дар он шароит зинда мондан муъҷиза буд.***

Нина Федосеевна аз инсонҳоест, ки дар он солҳои вазнин мушкилоти зиёдеро пушти сар гузоштааст. Имрӯз ӯ ҷавононро даъват менамояд, ки ростгӯ, хоксор ва босабру қаноат бошанд. Он солҳо барои ӯ солҳои вазнин ва пуримтиҳон буданд. Нинаапа ҳанӯз овони хурдсолӣ медонист, ки умри инсон кӯтоҳ аст.

Ҳамон солҳо, вақте ки аз осмон ба ҷойи борон снаряд меборид, Нина бо хоҳарбузургаш Валя ба Урал, ба хонаи бачагони шаҳраки Весим, воқеъ дар Нижний Тагил, эвакуатсия карда шуда буд. Офаридгор ғами бандаи мусибатзадаашро меҳӯрад. Бо кӯмаки ходимони ҳуқуқу тартибот хоҳаронро бобою бибии дар Воронеж будаашон ҷуста ёфтанд. Ин туҳфаи ҳақиқии тақдир буд.

– Баъди хатми мактаби ҳафтсола, ба пиронсолон ба нигоҳубини чорво ва корҳои рӯзгор кӯмак мерасондам, – гуфт Нина Федосеевна.

Ба қашшоқӣ, камию кӯтоҳиҳои зиндагӣ ва дили шикастааш эътибор намедод. Дар бештари вақт гурусна мегашт. Барояш аз дӯзахи муҳосираи Ленинград раҳо гашта, зинда мондан бахти олӣ буд.

Тошканд дар ҳамон солҳо низ ба сифати шаҳри нону меҳр ва офтоб машҳур буд. Хоҳарон пасу пеш ба ин шаҳр омада ҷойгир шуданд. Нина Федосеевна дар завод меҳнат кард. Ба шавҳар баромада, бахташро ёфт. Соҳиби чанд фарзанду набера шуд. Бино ба фикри ӯ, меҳру оқибат, некӯкориву хайрхоҳӣ ва ҳамҷиҳатие, ки дар кишвари мо ҳаст, дар ягон кишвари дунё нест.

Ҳамеша аз ҳоли Нина Мартинова барин одамон хабар гирифта, дилбардорӣ кардан дар ҷамоати шаҳрвандони Бешариқи ноҳияи Яшнобод ба ҳукми анъана даромадааст.

Нина Федосеевнаи 83-сола аз халқи дарёдил ва саховатпешаи ӯзбек як умр миннатдор аст. Роҳи тайкардаи ин модари нуронӣ барои насли имрӯз дарси ибрат аст.

**Назокат УСМОНОВА,**
**хабарнигори ӮзА.**



*Дар вилояти Ҷиззах ба муносибати 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон қисмҳои марказии таркиби Округи ҳарбии ҳудудҳо дар доираи ба амал баровардани чорабиниҳо ба монанди зуҳури ҳурмату эътибор ба собиқадорони ҷанг ва ақибгоҳ, барои беҳтар намудани шароити муносиби ҳаёт ба хонаҳои иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон рафта, туҳфаҳо месупоранд ва ёрии моддӣ мерасонанд.*

*Аз ҷумла, онҳо ба хонадони иштирокчии ҷанг, бошандаи ноҳияи Бахмал Очил Ҷӯрабоеви 98-сола рафта, туҳфаҳо супурданд.*

***Дар сурат:** ҳарбиён дар ҳузури собиқадори ҷанг **Очил Ҷӯрабоев**.*

**Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ (ӮзА).**

Дар мавзӯи муҳим

# ДИЛАМ БА ДАРД МЕОЯД

**_Ислоҳоти ояндасози кишвар на танҳо муҳимтарин омили инкишофи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, балки таконбахши кормандони ҳаёти маърифӣ-маънавии мардум ҳам мебошанд. Озодандешию ошкорбаёнӣ рӯйи кор омад. Ҳар кас метавонад фикру андеша ва дархости худро озодона, рӯйирост иброз намояд._**

Албатта, озодандешиву ошкорбаёнӣ бояд ҳатман дар доираи чаҳорчӯбаи қонун сурат гирад, ки он ба манфиати халқу Ватан хизмат кунад, ба ташаккули маънавияту маърифат кӯмак намояд. Аз ин чараёни ояндасоз илҳом гирифта, хостам бо ҳамкасбон – омӯзгорони синфҳои тоҷикии гуногун муколимае дошта бошам.

Пешаи моро бо номҳои гуногун – педагог, омӯзгор, муаллим, устод ва баъзан домулло ба забон мегиранд. Ҳар як истилоҳи номбурда ба сари худ маъно дорад ва ба забонҳои гуногун нисбат доранд, вале дар забони тоҷикӣ ҳамаи онҳо мавриди истеъмол мебошанд. Гарчанд калимаи юнонии «педагог» маънои роҳнамои бача дар роҳро ифода намуда, истилоҳи арабии «муаллим» маънои соҳиби илмро дорад, дар забони мо чун калимаҳои муродиф мавриди истеъмол мебошанд. Ин ҷо устод нисбатан маънои васеътар дорад, чунки на ҳар муаллим устод аст.

Муаллим чун узви гурӯҳи иҷтимоии ҷамъият мутааллиқ ба табақаи зиёӣ мебошад. Омӯзгорро чун муҳандиси рӯҳи инсон тавсиф додаанд. Омӯзгорон гурӯҳи иҷтимоие мебошанд, ки симо ва сират, менталитети миллат дар онҳо таҷассум ёфтааст. Онҳо ҳамеша чун ашхоси босавод, бомаънавияту соҳибмаърифат дорои эҳтиром буданд. Фармону қарор ва муносибати Президент ба омӯзгорон мақом ва мавқеи омӯзгорро дар ҷамъият боз ҳам қавитар гардонид. Бешубҳа, муаллим чун посдори забон, урфу одатҳои миллӣ ва чароғи дурахшони маърифат дар шаби тор ба қалбҳо нури маърифат меафрӯзад.

Падару модарон фарзандонро бо сад умеду орзуи накӯ ба мактаб мефиристонанд. Муаллим шарораҳои илму ирфонро дар қалби кӯчаки кӯдакон фурӯзон намуда, ба шоҳроҳи илму адаб раҳнамун месозад, ба шоҳроҳи пурталотуми зиндагӣ ҳидоят менамояд. Ӯ инсони бомаърифату соҳибтафаккур, худогоҳу озодандеш, ташаббускор ва соҳибкори бунёдкорро тарбият мекунад. Пайи ин мақсади наҷиб муаллим ҳамеша бояд машғули омӯзиш бошад, худ бисӯзад то бисозад. Беҳуда нафармудаанд: "Муаллим то он даме зиндааст, меомӯзад, чун аз омӯзиш бозмонд, симои муаллимии худро гум мекунад".

Хуб, ҳамкасбони муҳтарам, оё мо ин вазифаи муқаддасро сарбаландона ба сомон мерасонем? Оё мо бо замон ҳамнафас, бо дарду ниёзи мардум ҳамроз, худогоҳу озодандеш ҳастем? Оё пайи иҷрои вазифаи муқаддас худ меомӯзем, то биомӯзонем? Зиёданд ин гуна суолҳо. Ҷавоб оддӣ: на ҳамеша!

То кӯдак нагиряд, модар шир намедиҳад. Ҳикматест мондагор. Солҳои тӯлонӣ хомӯш будем. Муассисаҳои таълимии тоҷикӣ пӯшонида шуданд. Ҳатто дар гаҳвораи забони модарӣ – Бухоро як синфи тоҷикӣ амал мекунад. Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дар Самарқанд пӯшонида шуд. Баъзе бахшҳои он ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд гузаронида шуданд. Муаммои кадрҳо ба миён омад. Бо баҳонаи нарасидани кадрҳо ва "хоҳиши падару модарон" аксар мактабҳои таълимии тоҷикӣ тағйири забон карданд.

Ошкоро бояд гуфт, на ҳамаи муаллимон пайваста меомӯзанд. На ҳама маҳорату дониши худро такмил ва рушд мебахшанд, китобҳои бадеӣ ва услубӣ мехонанд. Ибтидои соли равон дар ҳаёти мактабҳои тоҷикии ноҳияи Нурато воқеаи гӯшношунада рух дод.

Дар давоми 35-40 соли охир бори аввал аз ҷониби шуъбаи таълими халқи ноҳия беш аз сад адад 13 номгӯй китобҳои бадеии тоҷикӣ расонида шуд. Ба мактабе аз деҳоти ҳамсоя рафтам. Бо мудири китобхона суҳбат намудам. Аз ҷамоаи муаллимони мактаб танҳо ду нафар аз он ганҷи мондагор истифода кардаанд.

Дилхарош аст забони аксар муаллимони ҷавон. Дар мактаби мо ин масъала борҳо мавриди муҳокимаи дарсҳои кушод ва дарсҳо таъкид ва арзёбӣ гардидааст. Сабаб – нахондани китоби бадеӣ.

Ин ҷо як таъкидро зарур медонам. Ҳамаи асарҳои бадеӣ аз забони ӯзбекӣ аз ҷониби тарҷумонҳои маҳаллӣ, яъне ӯзбекистонӣ, тарҷума шудаанд. Ташвишовар аст адади нашри китобҳо: 164 нусхагӣ. Тақрибан ба беш аз 7,5-8 ҳазор хонандаи мактабиву омӯзгор ҳеҷ аст он адади нашр. Маъмурияти мактабҳоро зарур аст, ки пайваста бо талабу дархост ба шуъбаи таълими халқи ноҳияи худ муроҷиат намоянд. Мо дар замони иқтисоди бозаргонӣ зиндагӣ ва фаъолият дорем. Ва ҳар сол ба давлат қоғазпора месупорем ва ба ивази он метавон китоби бадеӣ гирифт. Маъмурияти ҳар як мактаб метавонад аз ин ҳуқуқи худ истифода барад, китобҳои бадеиро ба забони модарӣ талаб намояд. Вагарна пули нақд ба дигар мақсадҳо сарфа мешавад.

Ҳар гоҳе рӯзномаи "Овози тоҷик"-ро гирифта назар ба адади нашр менамоям, дилам ба дард меояд. Ҳа, обуна ихтиёрӣ аст. Вале набояд фаромӯш кард, мо омӯзгор ҳастем! Бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва омӯзиш буда, аз вазъи кишвар ва мавқеи ҳамзабонон дар он огоҳ бошем. Ёд дорам, 30-35 сол муқаддам адади нашри "Овози тоҷик" ба 20 ҳазор ва зиёда аз он расида буд. 7 июли соли 2018 2270 буд адади нашр. Аввали соли 2020 он ба 836 расидааст. Дар ҳайрат мемонад кас. Забон ба гуфтан оҷиз аст. Мутобиқи далелҳои расмӣ дар Ӯзбекистон беш аз яку ним миллион тоҷикон зиндагӣ дошта, аз ҷиҳати аҳолӣ дар ҷумҳурӣ дар ҷойи дуюм қарор доранд. Шунидаем, ки дар кишвар атрофи 250 мактаби тоҷикӣ фаъолият дорад. Бахшҳои филологияи тоҷик дар донишгоҳҳои Тирмиз, Фарғона, Бухоро ва Самарқанд фаъолият доранд. Мавҷуд будани онҳо бахшҳои филологиву математика ва таълими ибтидоӣ муаммои кадрҳоро ҳеҷ гоҳ ҳаллу фасл намекунад. Ба замми ин таълими томактабӣ ҷорӣ шуд. Дар деҳоте, ки аҳолӣ саросар тоҷик мебошад, кӯдакон дар кӯдакистон тоҷикӣ таълим мегиранд. Боз муаммои кадр! Ба назарам, вақти аз нав барқарор намудани Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дар Самарқанд бо ҳама бахшҳои тоҷикиаш фаро расидааст.

Боз аз хусуси обуна. Шояд арзиши обунаро гарон шуморем. Барои инсони хештаншиносу худогоҳ ин муаммо нест. Мардуми соҳибмаърифати моро лоқайдӣ намезебад. Обуна ба минбари ягонаи миллат ин ҳимояи нангу номус аст. Он нишонаи ифтихори мост. Агар дар кишвари мо 250 муассисаи таълимии тоҷикӣ фаъолият дошта бошаду дар ҳар якеи он 20 нафар омӯзгор фаъолият барад, ин мешавад 5000 нафар. Дар сурати се нафар ба як нусха "Овози тоҷик" обуна шудан адади нашри рӯзнома аз ҳазор мегузарад. Ба замми ин ашхоси соҳибмаърифат ва соҳибкорони саховатманд зиёданд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**омӯзгори фанни таърихи мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато.**




*Дар вилояти Фарғона барои баланд бардоштани сифати таълим, такмил додани маънавияти ҷавонон, ҷорӣ кардани технологияҳои нави инноватсионӣ эътибори алоҳида медиҳанд. Ташкил шудани мактаб-интернати ба омӯзиши чуқури фанни забони модарӣ ва адабиёт, забонҳои хориҷӣ ихтисосонидашудаи ба номи Эркин Воҳидови шаҳри Марғелон ба ҷавонон имконоти калонро фароҳам меорад. 15 мактаби хусусие, ки дар ноҳия ва шаҳрҳо фаъолият мебаранд, дар рушди соҳа аҳамияти муҳим касб менамоянд. Корҳои дар самти таълим баамалбаровардашудаи ноҳияи Тошлоқ самараи худро медиҳад. Имрӯзҳо дар 51 мактаби ноҳия зиёда аз 2 ҳазору 200 омӯзгор ба ҷавонон сабақ медиҳанд. Соли гузашта ба мактаб баргаштани беш аз 50 нафар омӯзгор аз амалӣ гардидани ислоҳот далолат медиҳад.*

***Дар сурат:*** *дар мактаби таълими ҳамагонии 22-юми ноҳияи Тошлоқ.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

Абдулло ҚАҲҲОР

# МУАЛЛИМИ АДАБИЁТ

*(Ҳикоя)*

Бинобар гуфтаи худ «муаллими адабиёти нафис» муҳтарам Боқиҷон Бақоев ба оғил даромада табъаш хира шуд: ба гӯши гов боз кана часпидааст. Нисбат ба кана гов бештар оташин кард: мехост канаашро чинад, намемонад, сарашро меҷунбонад, фишшас мекунад.

– Ин гов не, ин – ҳайвон, – гуфт дари оғилро сахт пӯшида. – Ҳайвон!

Занаш Мукаррам рӯйи ҳавлӣ ба самовор об меандохт.

– Ҳайвон! – гуфт Бақоев. – Ин говро фурӯхта, ба пулаш хук харидан лозим.

– Дар шаҳр хук нигоҳ доштан мумкин нест,– гуфт Мукаррам ба самовор ангишт андохта.

– Чаро? Оё манъ кардаанд? Ман гуфта будам? Дуруст, мумкин нест,... албатта, мумкин нест.

– Ба хона дароед, Ҳамида омад.

Ҳамида духтари шонздаҳсолаи зиндадил, шӯх аст, язнаашро дида хурсанд шуд.

– Агар дар хона будани шуморо медонистам, дафтарамро ҳамроҳ меовардам, афсӯс...

Табъи муҳтарам Боқиҷон Бақоев баланд шуд, гов, канаи бузурги кабудранги дар гӯши он часпида, хуки бо фӯки худ соҳили ҷӯйборро вайроннамуда аз пеши чашмаш дур шуд.

– Шунидам, ки аз техникум ба факултети коргарон гузаштаӣ, оё рост аст? – пурсид Бақоев.– Ҳмм. Хуб кардӣ. Ба гумонам, ба факултети коргарон гузар гуфта будам? Ҳмм... Уфф, зарда шудаам... Факултети коргарон нағз. Ман як маротиба рафта будам. Ба дари конселярия практикум навишта шудааст. Дуруст нест. Практикум, минимум, максимум, ҳамаи инҳо калимаҳои лотинӣ ё ба лотинӣ наздик мебошанд. Шахсан ман ҳамин гуна фикр мекунам.

Андаке хомӯш монданд.

– Боқиҷонака, – гуфт духтар шармгинона, – як чизро мехостам аз шумо пурсам: Мо дар синф «Хоҳиши хоб»-и Чеховро хондем, духтареро, ки қотили кӯдак шудааст, суд кардан мехоҳем. Даъвогар модари кӯдак – Раҳима мешавад, айбдоркунанда (прокурор) – Шарифҷон.

Судяҳо ҳам мешаванд. Ман мехоҳам, духтарро сафед карда, ҳама гуноҳро ба зиммаи хӯҷаини ӯ, касе, ки духтари ҷавонро ин қадар истисмор намудааст, гузорам.

Ана ҳамин... Ҳамин чизро навиштам. Дар ин бора мехостам, фикри шуморо донам. Чехов оё ҳамин тавр гуфтан намехост?

Рафиқ Бақоев андеша карда пурсид:

– Ба шумоён аз адабиёт кӣ дарс медиҳад? Ҳакимов? Одами аҳмақ аст. Аз болои худаш кор намекунад. Доимо мегӯям, ки аломати савол пас аз «мӣ» гузошта мешавад, механдад. Гап дар сари ин ҳам нест...

Мукаррам самоворро бардошта дарун даромад.

Ҳамида чаҳида хеста, самоворро аз дасти апааш гирифта, ба рӯйи миз гузошт. Ӯ аз язнааш, ки зани дуҷонро самовор бардоронда, нигоҳ карда меистод, шикоят карданӣ буд, аммо аз шарм чизе гуфта натавонист. Азбаски рафиқ Боқиҷон Бақоев хеле ташна монда буд, якбора чор пиёла чой нӯшида арақ кард.

– Баъди тушбера чой хеле хуб меравад,– гуфт арақи рӯяшро пок карда.– Ҳмм... риш ҳам расидааст, сартарош набошад, одам мисли маймун мешавад. Пашми маймун рехта, одам шудааст. Дар ин бора фикри Энгелс мавҷуд аст.

– Ҳо, ана онро нагуфтед, Боқиҷонака,– гуфт духтар, – Чехов магар чунин гуфтан намехост?

Рафиқ Бақоев боз як пиёла чой пурсид.

– Чехов? Ҳмм... Вақте сухан дар бораи реализми буржуазӣ меравад, пеш аз ҳама, ба объекти он бояд диққат кард. Воқеияти объективиро, ки реалистони буржуазӣ фаҳмида, инъикос намудаанд, дарк кардан лозим. Маълум, ки ҳамаи эҷодиёти Чехов бо кулли моҳияташ реализми буржуазияи нахустин аст, яъне... ҳмм... Мукаррам ба мурғ мояк гузоштӣ? Мояк гузоштан лозим, вагарна дайду мешавад... Тавба, ҷонвари аз мурғ аҳмақтар нест – мояк гузорӣ, тухм мекунад. Чаро мояк гузорӣ, тухм мекунад? Чаро хурӯс субҳидам бонг мезанад? Равоншиносии аҷиб. Биология меомӯзетон?

Ҳамида аз биология чиҳо омӯхтаву дар соли хониши ҷорӣ боз омӯхтани чиҳо пешбинӣ шудааст, гуфт ва дар нутқи сафедкунии худ нияти нишон додани мавҷудияти асосҳои физиологиро ҳам зикр карда, боз суханро дар бобати Чехов идома дод.

– Ҳмм..,– гуфт Бақоев,– дар бораи Чехов фикрҳои шахсӣ дорам. Дигарон ҳар чӣ мехоҳанд, гуфтан гиранд, ба ҳар ҳол дар ҷаҳонбинии ӯ... Ҷаҳонбинии ӯ аз ҷаҳонбинии Пушкин ва Лермонтов фарқ мекунад. Бо вуҷуди он ки адибони як давр, як синф ва як мамлакат ҳастанд, мутлақо фарқ дорад.

– Чехов бо Пушкин дар як давр зиндагӣ накардааст-ку,– гуфт Мукаррам, – дар китобхонаи мактаби мо сурати бо Максим Горкий гирифтаи ӯ мавҷуд аст. Чехов бояд соли 1904 вафот карда бошад.

Рафиқ Бақоев андаке шарм кард.

– Шумоён дар бораи кадом Чехов гап мезанед? Чой рез! Дар бораи ин Чехов? Дуруст, ӯ ё дар нимаи аввал, ё дар нимаи дуюми соли 1904 вафот кардааст... Рӯймолчаи дигар деҳ, аз ин бӯйи пиёз меояд. Ман дар бораи он Чехов, Чехове, ки намояндаи реализми буржуазияи нахустин буд, гап зада истодаам.

– «Хоҳиши хоб» асари кадом Чехов аст? – пурсид Ҳамида.

– Бидуни ягон шубҳа, асари ин Чехов аст. Ин асар бори аввал дар маҷаллаи «Современник» нашр шудааст.

Баъд аз он ки Боқиҷон Бақоев хеле дароз суханронӣ кард, дар бораи чӣ суҳбат кардани ӯро Ҳамида дарк намекард. Детирдинг ном кадом як мунаққиди машҳур ба нависанда Шеллинг бо мазмуни «то ба дастёр муҳтоҷ шудани ту, писарат дастёр мешавад» хат навиштааст.

Марк Добролюбовро бо Меринг ба як саф гузоштааст. Стендинг ном як драматург ба мунаққиде гуфтааст: «Агар ҳамаи ҷонваронро Худо офарида бошад, ба завқи ӯ қоил нестам, оё бузмак ҳам ҷонвар шуд?»...

Сари Ҳамида вазнин шуд, ду маротиба даҳонашро накушода, оҳиста хамёза кашид.

Вақте ки Ҳамида бо мизбонҳо хайрухуш карда, ба кӯча баромад, торикӣ фаро расида буд. Дар бораи «Хоҳиши хоб» натавонист, ки аз язнааш ягон фикр гирад. Вақте дар бобати суханоне, ки аз ӯ шунид, назди худ ҳисобот медод, ба ғайр аз инҳо, ки ба гӯшаш ғуввос мезананд, чизи дигар набуд: практикум, минимум, максимум, Детирдинг, Стендинг, Шеллинг, Меринг, Демпинг...

Тарҷумаи
**Хусрав ҲАМИДОВ.**




Панҷ ташаббус – дар амал

# ДАР РӮҲИЯИ БАЛАНД

***Чанде пеш дар Маркази мадании «Ӯзбеку тоҷик»-и маҳаллаи «Тонг юлдузи»- и ноҳияи Чиноз аз рӯйи панҷ ташаббус чорабинӣ баргузор шуд. Дар ҷамъомад муаллимон, намояндагони шуъбаи таълими халқ, ходимони хонаи маданият ва маънавияти ноҳия ва фаъолони маҳалла ҳозир буданд.***

Пештоқи бинои Маркази маданият бо навиштаҷоти марбут ба панҷ ташаббус оро дода, фурӯши китобҳои бадеӣ низ ба роҳ монда шуд.

Сурудҳои ба васфи Ватан, модар ва намоиши ҳарбиву варзишӣ ва саҳнавии хонандагонро иштирокчиён хуб пазируфтанд.

– Солҳои охир ҷамоаи мактаб дар ҷамъомадҳои маърифатӣ хеле фаъол иштирок мекунанд, – гуфт мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия Муҳаббат Алимова. – Панҷ ташаббус барои баланд бардоштани ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, бахусус маданиву маънавии аҳолӣ пешбинӣ шудааст, ки бояд ҳар як шаҳрванд мазмуну моҳияти онро пурра дарк намояд. Чорабинии имрӯза далели чунин гуфтаҳост.

**Ш. СУЛТОНОВ,**
**хонандаи мактаби рақами 47-уми ноҳияи Чинози вилояти Тошканд.**

# ХИШТИ АВВАЛ

***Беғубортарин давраи умр айёми бачагӣ ва таҳсил дар мактаб мебошад. Ва лаҳзаи аз ҳама фаромӯшнопазир дар давраи мактабӣ лаҳзаҳои ошноӣ бо «Алифбо», савод омӯхтан аз муаллими нахустин аст.***

Бачагон аз оғӯши волидон чун ба мактаб мераванд, аввалин китобе, ки ба даст мегиранд, «Алифбо»-ст. Бинобар ин он лаҳзаҳо то охири умр дар лавҳи хотири толибилмон боқӣ хоҳад монд. Ҳамчунин «Алифбо» баҳри хурдакакон арзишмандтарин китоб маҳсуб мешавад. Зеро донишҳои аввалинро онҳо аз «Алифбо» меомӯзанд. Дар омӯзонидани саводи нахустин аз «Алифбо» нақши омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бағоят бузург аст. Ояндаи ҳар як толибилм дар дасти омӯзгор аст.

Бесабаб нест, ки шоир фармуда:

*Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад девор каҷ.*

Аз ин рӯ, мо омӯзгорони синфҳои ибтидоиро зарур аст, ки аз таҳти дил ва бо амри виҷдон ба дӯстрӯякон дарс гузарем.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, хонандагоне, ки савияи дониш ва малакаву маҳорати омӯзгори синфҳои ибтидоиашон баланд аст, дар оянда низ бо баҳоҳои «хуб»-у «аъло» таҳсил мекунанд ва ба макотиби олӣ низ бидуни мамониат дохил мешаванд. Омӯзгори хубро толибилмон идеали зиндагӣ қарор медиҳанд. Омӯзгор бояд бо дониши қавӣ, одоби хуб, маданияти баланду маънавияти воло ва тарзи хуби либоспӯшӣ намунаи ибрати толибилмон бошад. Албатта, танҳо чунин омӯзгорони ғоявӣ як умр дар хотири шогирдон нақш мебанданд.

Бесабаб нест, ки сарлашкари юнонӣ Искандари Мақдунӣ дар ҳаққи устод фармуда: «Аз муаллими хеш он қадар қарздорам, ки аз падари худ: аз падар ҳаёт гирифтам, вале аз Арасту ба чизе молик гаштам, ки метавонам ҳаётамро як умр накӯ гузаронам».

Шоир гуфтааст:

*Ҷаҳонеро сафо бахшад муаллим,*
*Зи нури дил зиё бахшад муаллим.*
*Шавам қурбони номат, эй муаллим,*
*Фурӯзон бод шомат, эй муаллим!*

**Усмониддин ИБРОҲИМОВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 3-юми ноҳияи Сӯх.**

Мулоҳизаи омӯзгор

# ТАБИАТШИНОСӢ ФАННИ ДУЮМДАРАҶА НЕСТ!

***Имрӯз дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла дар мамлакати мо ба масъалаи муҳофизати табиат ва экология эътибори алоҳида дода мешавад. Ин буд, ки Президент дар Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис пеши мутасаддиёни соҳаи экология вазифа гузошт, ки барои пешгирии таъсири ногувори экологии рушди саноат барномаи чорабиниҳои маҷмӯиро барои солҳои 2020-2025 ва то 1-уми октябри соли ҷорӣ лоиҳаи Кодекси экологиро таҳия кунанд.***

Дар ин самт, яъне пешгирии муаммоҳои экологӣ, омӯзгорони мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва олӣ бештар масъуланд. Маҳз бо мақсади ба ҳифзи табиат бештар ҷалб намудани хонандагон ва баланд бардоштани маданияти экологии онҳо дар мактабҳои ҳамагонӣ омӯзиши як қатор фанҳо ба роҳ монда шудааст, ки табиатшиносӣ, ботаника, биология, зоология аз ин ҷумлаанд.

Мақсад аз омӯзонидани ин фанҳо дар насли наврас тарбия намудани муносибати оқилона ба табиат, афзунсозии ҳисси масъулият нисбат ба истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиат, беэътибор набудан ба экология мебошад.

Дар раванди дарсҳо мо – муаллимон бояд ба хонандагон дар бораи муаммоҳои экологӣ ҳарф занем. Чунки солҳои охир шумораи аҳолии рӯйи Замин афзуда, талаботи инсон ба озуқаворӣ зиёд мешавад. Бинобар ин, дар назди ҳар як инсони комил масъалаи муҳим – истифодаи оқилонаи сарватҳои табиат гузошта шудааст.

Дар ин самт фанни табиатшиносӣ аҳамияти муҳим дорад. Аксар одамон ба як қатор фанҳо чун табиатшиносӣ, санъати тасвирӣ, суруд, таълими меҳнат ва ғайра чун ба фанҳои дувумдараҷа менигаранд. Барои омӯзиши ин фанҳо омӯзгоронеро ҷалб мекунанд, ки ихтисосашон дигар аст. Фаромӯш мекунанд, ки масалан, фанни табиатшиносӣ бобати тарбияи насли наврасе, ки ба қадри сарватҳои табиӣ мерасад ва дар ҳифзи онҳо саҳм мегузорад, аҳамияти муҳим дорад. Ҳаёти инсон бо табиат муштарак аст.

Дар дарсҳои табиатшиносӣ ба хонандагон дар бораи муаммоҳои экологӣ дар асоси факту рақамҳо маълумот диҳем, натиҷа самарабахштар мешавад.

Масалан, ба талабаҳо бояд фаҳмонд, ки як дарахти боворасида дар як шабонарӯз 180 литр оксиген хориҷ мекунад. Як одам бошад, дар як шабонарӯз аз 500 то 700 литр ин газро нафас мегирад. Яъне, барои нафаскашии ҳар як шахс на кам аз панҷ дарахт лозим аст. Ҳол он ки як мошини сабукрав ҳангоми 100 км роҳро тай намудан миқдори солонаи оксигенро, ки як одам нафас мегирад, нобуд месозад.

Аз ин рӯ, барои ба бемориҳои гуногун гирифтор нашудани организм мо бояд олами набототро эҳтиёт кунем, ба нобудшавӣ ва бераҳмона нест кардани дарахту буттаҳо роҳ надиҳем.

Бинобар ин, дар оғози фасли баҳор бо хонандагон ба табиат саёҳат ташкил кардан, гузаронидани ҳашар ва тоза намудани муҳити атроф муфид аст. Инчунин, дар боғи мактаб ё боғҳои шахсии худ шинонидани ниҳолро тавсия додан низ аҳамият дорад. Ин гуфтаҳо ба хонандагон таъсири калони тарбиявӣ мебахшанд, то ки онҳо дар оянда бо табиат муносибати дуруст кунанд.

Имрӯз ҳар як омӯзгор, ба хусуси муаллимони фанни табиатшиносӣ вазифадоранд, ки насли наврасро дар рӯҳияи муносибати некӯ ба табиат, покиза нигоҳ доштани обу ҳаво ва муҳити атроф тарбия намоянд.

**Мардонҷон БОТИРОВ,**
**омӯзгори фанни биологияи мактаби таълими умумии рақами 7-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-435. Адади нашр 1023, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.